**УДК:891.55.092**
**Н91**
*Ба ҳукми дастнавис*

**Нуров Нуралӣ Норович**

# ПОЭТИКАИ ҒАЗАЛИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик

Автореферати
рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

Душанбе – 2020

**Кори диссертатсионӣ дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.**

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои филология, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, директори Иститути забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ
**Салимӣ Носирҷон Юсуфзода**

**Муқарризони расмӣ:** **Абдусатторов Абдушукур** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** – доктори илмҳои филологӣ, досенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Тағаймуродов Рустам** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Ҳимояи рисола “_13__” феврали соли 2020, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) баргузор мегардад. Бо муҳтавои диссертатсия дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) ва тавассути сомонаи www.tgpu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________ соли 2020 фиристода шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филология, дотсент  Мирзоалиева А.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Аҳамияти таҳқиқ.** Падид омадани услуби хоси бедилӣ дар адабиёти тоҷик аз рӯзгори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1721) то имрӯз равишҳои махсуси шинохт ва таҳқиқи шеъри шоирро чи дар муҳити фарҳангиву адабии форсӣ ва чи дар моварои ин қаламрав арзи ҳастӣ бахшид.

Дар баробари ин, Бедил яке аз пешонҳангони тарвиҷи забони тоҷикӣ дар сарзамин Ҳинд аст, ки ба таъбири аҳли тазкира дар қаламрави шеъри худ "ихтирооте дар забони форсӣ" кард, аз ин роҳ дар таҳаввулоти сабк, ҳунар ва мавзӯии адабиёти тоҷик, хоса навъи ғазал саҳме бориз гузошт. Бедил чун шоири соҳибмактабу соҳибсабк дар шумори бузургтарин суханварони адабиёти форсӣ қарор дорад, ки ба фармудаи аҳли таҳқиқ вай бо офаридани маонии бикру баланд ва ҳузури мунаввари худ инқилобе дар қаламрави шеър ба вуҷуд овард.

То солҳои наздик шинохти Бедил аз ҳар зовия, хоса таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии каломи вай дар сатҳи муносиб қарор надошт. Ҳарчанд давоми 50 соли охир силсилаи пажӯҳишҳо дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла, Ҳинду Тоҷикистон, Афғонистону Эрон, Покистон, Ӯзбекистон, Русия ва ҳатто Итолиё ба вуҷуд омадаву масоили мухталифи марбут ба афкору андеша ва ҳунари шоирии Бедилро баррасӣ намудаанд, аммо то имрӯз масъалаҳои марбут ба поэтикаи ашъори шоир дар сурати рисолаи ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мо дар рисолаи ҳозир кӯшиш ба харҷ додаем, то ба таври куллӣ поэтикаи ғазалиёти Бедил, хоса поэтикаи забони ин жанри адабӣ, ки ҷанбаҳои ҳунарии каломаш бештар дар он омил ба зуҳури ихтирооти забонӣ, калимаву таркиб ва таъбирҳои тозаи шоирона, мазмунсозӣ, тасвирофаринӣ ва амсоли ин гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Албатта, маҳфуми поэтика дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ аз доираи васеи фаҳмиш бархурдор аст. Бар асоси шинохт ва таъйини арзишҳои адабиву ҳунарии матни асари бадеӣ донишварони соҳа дар таркиби куллии поэтика шохаҳои муайяни онро дар сурати поэтикаи сохтори асар, поэтикаи забон ва дар таркиби ин мафҳум боз ҳам мафоҳиме аз қабили поэтикаи бисёрмаъноии калимот, лексикаи шоирона, маънии нав касб кардани вожа дар коргоҳи хаёл ва андешаҳои суханвар, шеваҳои шоиронаи корбурди вожагони куҳан, истилоҳ ва таъбирҳои ифодакунандаи суннат ва оинҳо, номҳои ҷуғрофӣ, асомии гулу гиёҳ ва дигар аносири табиат ва улуми дигар, матолиби мутаноқизнамо, тамсилу ташбеҳ, истиораву киноя ва монанди ин, вежагиҳои сужаи асар, сабки нигориш, асари аносири поэтикии суханварони дигар ба эҷодиёти шоир ва амсоли ин муқаррар намудаанд. Баробари ин, муҳаққиқон мафоҳиме чун поэтикаи асари ҷудогона, суханвари алоҳида, жанр ва навъҳои ҷудогонаи осори адабӣ, сужа ва дигар аносири таркиби асар, чун образ, тасвир, ҳатто мавзӯъ ва шеваи баёнро низ муқаррар намудаанд, ки ин матолиб низ ба тавсеаи бештари дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ дар шинохти марзҳои аслии мафҳуми поэтика ҳамчун илм дар бораи арзишҳои асари бадеӣ ва ҳатто навъи ҳунар таъкид меварзад. Мусаллам аст, ки дар доираи як рисолаи илмӣ бар асоси ин назарияҳои навин дар бораи шохаҳои куллии поэтика тамоми самтҳои онро дар эҷодиёти як

нафар адиб, дар мисоли Мирзо Абдулқодири Бедил, имкони татбиқ ва таҳқиқ мавҷуд нест, чун муқаррарароти таълифи диссертатсияҳо худ ба худ маҳдудаҳое эҷод менамояд. Вобаста ба ин, дар меҳвари таҳқиқоти анҷомёфта дар диссертатсияи мо баъзе шоҳаҳои поэтикаи назариву амалӣ, аз ҷумла баррасии поэтикаи як навъи шеърӣ дар мисоли ғазал дар эҷодиёти як тан суханвари нававар, таҳқиқи бархе масоили марбут ба поэтикаи сохторшиносии жанри ғазал, паҳлӯҳои ҷудогонаи поэтикаи забони шеър ва лексикаи забони шоирона, дар мисоли калимасозӣ, таркибсозӣ, ибораоройи ва маъниофаринӣ бар асоси тағйироти маъноӣ бар вожагони роиҷ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ, корбурди шоиронаи вожа ва мафоҳими роиҷ дар фарҳанги мардумӣ ва ифодакунандаи суннату оинҳо, зарбулмасал ва мақол, саноеи бадеӣ дар мисоли киноя ва муаммо, тасвир ва тасвирсозӣ, мазмунофаринӣ, сабкшиносӣ ва шеваҳои шоиронаи баёни мавзӯоти гуногун, шарҳ ва маънигузории шоирона, таъсири аносири ҳунарии шоирони гузашта ба эҷодиёти Бедил ва нақши ин суханвар дар зуҳури мактаби хосаи шеърӣ дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик ва амсоли ин ба эътибори гирифта шудааст. Баробари ин, роҷеъ ба ҷанбаҳои дигари поэтикии ғазалиёт ва анвои дигари шеърии Бедил низ берун аз доираи мабоҳиси диссертатсия мақолот ва нигоштаҳое низ ба қалами муаллиф тааллуқ мегиранд, ки ба бархе аз онҳо дар феҳристи адабиёт ишорат рафтааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Пешинаи таҳқиқу баррасии аҳволу ашъор ва маърифати сурудаҳои Бедилро метавон ба чанд қарн қабл аз имрӯз ва ҳатто то ба рӯзгори худи вай муқаррар намуд, зеро ба миён омадани мактаби пайравони Бедил дар Мовароуннаҳр ва марзҳои дигари адабиёти форсу тоҷик баробари эҷоди равияҳои хоси шеър ба равишҳои тозаи маърифати ашъори шоир асос гузошт. Ин падидаҳои маърифатӣ, пеш аз ҳама дар пайдоиши ҷараёни шарҳнигорӣ ва тафсири ашъори Бедил ошкор мегардад. Ба таъбири дигар, истиқболи сабки бедилӣ мактаби шарҳу басти китобии ашъори шоирро ҳамҷавори худ эҷод намуд. Бо зуҳури суннатҳои хоси маърифати ашъори шоир бедилшиносӣ аз ин манотиқ фаротар рафта, дар берун аз қаламрави забони форсӣ, чун Русия, Италиё ва кишварҳои дигар низ ҷойгоҳи худро пайдо намуд.

Ҳамин тавр, таҳқиқу баррасии осори Мирзо Абдулқодири Бедил имрӯз ба як ҷараёни густардаи адабӣ бадал шудааст, ки вуҷуди ин тамоюли босуръати бедилпажӯҳӣ рӯи кор омадани силсилаи таълифоти марбут ба шинохти андешаву оро ва ҳунари шоирии Абулмаонӣ маҳсуб меёбад. Агарчи қарни XX1 -умро дар ҷаҳони муосир асри пайванд ба технологияи ҷадид ва ба истилоҳ таҷаддуди низоми таҳсилоту тафаккури ҷомеа муаррифӣ намудаанд, дар адабиётшиносӣ соҳибназарон муътақид бар он ҳастанд, ки ин сада замони маърифат ва шинохти воқеии ашъор ва афкори Мирзо Абдулқодири Бедил эътироф гардидааст.

Дар ин радиф, аз силсилаи пажӯҳишҳои номоварони олами бедилшиносӣ дар ҳавзаҳои гуногуни адабиётшиносӣ метавон ёдовар шуд, ки танҳо дар чанд соли ахир рӯи чоп омада, ҳар яке ба зоти худ ҳарфи тозае дар шинохти андешаву орои ин шоир ба шумор меравад.

Ба маврид аст таъкид намоем, ки танҳо як рисолаи хурд аз ҷониби Абдулғафури Орзу таҳти унвони “Бутиқои Бедил” (23) ба қалам омадааст, ки дар баробари пурра фаро нагирифтани масоили марбут ба поэтикаи ашъори Бедил, дар он роҷеъ ба бахше аз матолиби марбут ба таъсири суханварони пешин ба шеър ва андешаи Абдулмаонӣ дар мисоли Ҳофиз, Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ҳамзамон, дар рисолаҳои дигари ҳамин бедилпажӯҳи афғонистонӣ “Дар хонаи офтоб” (24) ва “Тарсадоии Бедил”(25) баробари таҳқиқ дар аҳволу осори Бедил нукоте роҷеъ ба сабкшиносӣ ва бархе аз вежагиҳои ҳунарии шоир, аз ҷумла ибҳом дар шеъри ӯ изҳори назар шудааст. Ба мушоҳида мерасад, ки матолиби китоби “Тарсадоии Бедил” (25) ва “Бутиқои Бедил” (23)то андозае мушобеҳоте бо ҳам доранд ва бархе мақолот такроран нашр гардидаанд.

Дар рисолаи муҳаққиқи дигари афғонистонӣ Муҳаммад Козими Козимӣ “Калиди дари боз” (15) бошад, бархе масоили марбут ба забони шеъри Бедил бештар аз дидгоҳи шарҳу басти вожагони душвор ва ба таъбири худи муҳаққиқ “ибҳомофарин” мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Китоби “Вожаномаи Бедил”-и Асадуллоҳи Ҳабиб (40) оид ба шарҳу тафсири таркиб ва вожагони маъруф дар девони Бедил баҳс мекунад. Ҳарчанд ин асар ба сурати фарҳангномаи мухтасар ба қалам омадааст, аммо зимнан, дар он ҷанбаҳои мухталифи забони шеъри Бедил низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Силсилаи осор ва мақолаҳои донишмандони дигари эронӣ, чун Шафеи Кадканӣ (14), Алии Муаллим (16), Саидмаҳдии Таботабоӣ (33;34;) Ковуси Ҳасанлӣ (42), Абӯризо Мударрисзода (17;18), Иброҳими Худоёр (37) ва дигарон ба таҳқиқу баррасии масоили марбут ба шарҳнависӣ, ҷойгоҳи Бедил дар таҳаввули бархе аз вежагиҳои ҳунарии шеъри форсӣ, нақду баррасии пажӯҳишҳои анҷомёфта дар арсаи бедилшиносӣ, равиши тасҳеҳи мутуни осори Бедил ва амсоли ин ихтисос ёфтаанд. Дар мавориди зарурӣ, дар рисола роҷеъ ба ҷойгоҳи ин осор дар бедилшиносӣ ва нақду баррасии ҳусну қубҳи онҳо изҳори назар хоҳад шуд.

Сароғози таҳқиқ ва баррасии ашъору афкори Бедил дар Тоҷикистонро низ ба замони зуҳури мактабҳои бедилхонӣ ва бедилрасӣ дар Фароруд метавон пайванд дод, зеро ҳамон шарҳу тафсирҳое, ки Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва дигарон бар ашъори Бедил навиштанд, ба зоти хеш аввалин кӯшишҳои илмии шинохти шеър ва андешаи ин суханвари мумтоз маҳсуб меёбанд. Баъдан устод Айнӣ ба тарҳи мактаби нави бедилшиносро асос гузошт (3). Ин ҷо хидмати академик Бобоҷон Ғафуров дар тарғиб ва талқини аҳли таҳқиқ, аз ҷумла устод Айнӣ ба бедилшиносӣ қобили таъкид аст, зеро соли 1944 маҳз бо тавсия ва пешниҳоди ин донишманди бузург дар Тоҷикистон 300-солагии Абулмаонии Бедил таҷлил гардида, дар заминаи он конфронси илмие доир шуд.

Дар таҳқиқоти Расул Ҳодизода (43), Субҳон Амирқулов (4;5) ва дигарон бештар дидгоҳҳои марбут ба ҷойгоҳи Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд, хоса мақоми Аҳмади Дониш дар шарҳу тафсири ашъори шоир баҳсу баррасӣ шудаанд. Корномаҳои илмии Бобобек Раҳимов (27;28;29;30) дар арсаи

бедилшиносии тоҷик қобили таъкиди хоса ва сутуданӣ мебошанд, зеро то кунун дар канори хидматҳои бузург дар тасҳеҳ ва нашри осори Абдулқодири Бедил ин донишманди соҳибназар силсилаи осоре дар заминаи таҳқиқу баррасии зиндагинома, мероси адабӣ, вежагиҳои осори манзум ва мансури шоир, сабки таълиф, шарҳу басти ашъори шоир, нақду баррасии осори бедилшиносӣ ва амсоли ин таълиф намудааст, ки ин ҷо аз кутуби “Шарҳи шаст ғазали Бедил” (27), “Ошноӣ бо Бедил” (28), “Зиндагиномаи Бедил” (29), “Тавсифи осори Бедил” (30) ва амсоли ин метавон ёдовар шуд. Бархе аз вежагиҳои сабкии ғазалиёти Бедил, аз ҷумла шеваҳои сохтмони таркибот, махсусиятҳои ҳунариву услубии ин навъи сурудаҳои шоир низ дар бахше аз мақолоти ҷудогонаи шомили ин кутуби ин муҳаққиқи номвар, аз ҷумла мақолаҳои “Тааммуле дар сабки Бедил”, “Ғазал дар эҷодиёти Бедил” мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Рисолаи Бахтиёри Ҳамдам таҳти унвони “Савмааи маърифат” (41) ба таҳқиқи тамоюлҳои мухталифи таъсири Бедил ба адабиёти форсии тоҷикии асри нуздаҳ, аз ҷумла бардоштҳои мавзӯиву сабкии шуарои Фарорудии ин аҳд ихтисос ёфтааст. Таҳқиқоти Насиба Содиқова (32) асосан, таҳлилу таҳқиқи афкори фалсафии Абулмаонии Бедилро бар асоси маснавиҳои ӯ фаро гирифтааст.

Ба таври умум, он чи то кунун роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Бедил ба қалам омадаанд, ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ин таълифот тамоюлҳои марбут ба арзишҳои ҳунарии ашъори шоирро бо шеваву рӯйкардҳои мухталиф фаро мегиранд. Вале масоили куллии ҷанбаҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва мақоми ӯ дар таҳаввули сабкиву мавзуии ин навъи адабӣ, масъалаҳои марбут ба поэтикаи забон, вожасозиву таъбирофаринӣ, тасвирсозӣ ва ҷойгоҳи анвои тасвир ва амсоли ин ба таври ҷудогона ва дар доираи як рисолаи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст, ки ҳамин мабоҳис меҳварҳои таҳқиқоти илмии моро ба вуҷуд овардааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таълифи рисола таҳқиқу баррасии поэтикаи ғазалиёти Бедил, таъсирпазирии Бедил аз суханварони гузашта ва такмили суннатҳои хоси адабиёти гузашта ва таъсиргузорӣ ба пасовандони худ, сохторшиносии ғазал ва поэтикаи забон, мазмунсозиву маънигузорӣ, тасвирпардозӣ ва таҳаввули маъноии вожагон дар коргоҳи хаёли Бедил ва амсоли ин маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии таҳқиқот баррасии матолиб ва масоили зерин зарур ба шумор меравад:

- баррасии мақом ва ҷойгоҳи Бедил дар таҳаввули ҳунариву мавзӯӣ, сабки нигориши ғазал дар адабиёти тоҷик;
- таҳқиқ дар истиқлоли мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир дар ғазалиёти Бедил;
- пажӯҳиш дар афкори адабии Бедил ва таҷассуми он дар оинаи ғазалиёти ӯ, нигоҳи Бедил ба шеъру шоирӣ;
- баҳсу баррасии вежагиҳои корбурди авзони нодир дар ғазалиёти Бедил, сарчашмашиносии нуфузи ин авзон дар девони шоир;

- таҳқиқ дар заминаи масоили сабкшиносӣ ва поэтикаи забони шеър, баррасии мафоҳими забони шоирона ва поэтикаи забон дар доираи ашъори Мирзо Бедил;
- омӯзиши масоили татбиқи аносири поэтикаи ҳиндӣ дар забони ғазалиёти Бедил;
- таҳқиқу баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ (дар мисоли киноя ва муаммо), ҳунари шоирии Бедил дар офариниши ғазали муаммо;
- пажӯҳиш дар шеваҳои корбурди вожаву таъбирот ва суннатҳои фарҳанги мардумӣ дар девони Бедил;
- таҳқиқ дар шарҳи шоиронаи мафоҳим ва истилоҳот дар каломи Бедил;
- тасвир ва тасвирпардозӣ дар девони Бедил, тасвири табиат, ҳунари шоирии Бедил дар эҷоди ғазали тасвирӣ ва тасвирҳои парадоксӣ;
- таъсири пешиниён ба шеваи суханварии Бедил ва ҷойгоҳи ин суханвари мумтоз дар таҳаввули суннатҳои адабии ниёкон ва ибтикор дар қаламрави адабиёти тоҷик;
- истиқболи шоирони Фароруд ва дигар марзҳои шеъри тоҷикӣ аз шеър ва шеваи суханварии Бедил, зуҳури мактаби пайравони Бедил дар Мовароуннаҳр, таъсири сабки сухани шоир ба шоирони давраи бозгашти адабӣ ва амсоли ин;

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии таълифи рисола нусхаҳои хаттӣ ва чопии куллиёт ва девони Бедил ба шумули нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Ризо Ромпур, Алигарх, Патна, Аграи Ҳинд, Ганҷбахш, Panҷоби Покистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, китобхонаи ба номи Беруниии Тошканд, нашрҳои дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ҳоланд анҷомёфта, ду нусхаи хаттии шарҳи девони Бедил маҳфуз дар Китобхонаи Ганҷбахши Покистон ва Қоҳираи Миср, девони шоирони гузашта, ки ба шеъру андешаи Абулмаонӣ таъсири равшан гузоштаанд, девони ашъори суханварони Фарорудии соҳибноми сабки ҳиндӣ, шоирони пайрави мактаби Бедил, тазкираҳое, ки бар рӯзгори шоир ва баъд аз ӯ навишта шуда, маводи муътамадеро роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Бедил фаро гирифтаанд, мебошанд.

**Объекти таҳқиқот**. Адабиёти давраи классикӣ, давовини шуаро, ба вежа давовини шуарои ғазалсаро, осори назарии ба анвои адабӣ бахшида шуда ва бевосита осори дар жанри ғазал сурудашуда мебошад.

**Предмети таҳқиқот**. Масоили поэтикии шеъри классикӣ дар мисоли ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил аст, ки ҳамвора ба осори дигари адиб баррасӣ гардидаанд.

**Метод ва методологияи таҳқиқот**. Рисола дар асоси методи таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, сохторшиносии жанр, шинохти матни адабӣ, шарҳу тафсири матн, таҳлили дохилиматнӣ, таҳлили синхронӣ бар мутуни адабӣ, таҳлили оморӣ ва дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосир таълиф ёфтааст.

Ҳамчунин зимни таълифи рисола аз усулҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, чун Е.Э. Бертелс, Э.Браун, Н. Пригарина, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулҳаққи Бетоб, Ғуломҳасани Муҷаддадӣ, доктор Абдулғанӣ, Набӣ

Ҳодӣ, Шафеии Кадканӣ, Алии Муаллим, Асадулло Ҳабиб, Абдулғафури Орзу, Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, Худой Шарифов, Субҳон Амирқулов, Абдунабӣ Сатторзода, Мирзо Муллоаҳмад, Абдуманнон Насриддинов, Носирҷон Салимӣ, Бобобек Раҳимов ва дигарон истифода шудааст.

**Навовариҳои илмии рисола.** Дар диссертатсия бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои марбут ба бадеияти ашъори Бедил дар доираи як асари мустақил дар заминаи татбиқи меъёрҳои поэтикаи форсиву ҳиндӣ ва арабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи масоили марбут ба поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз дидгоҳи татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ нахустин бор ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. Вобаста ба ин, масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар заминаи таҳқиқи матолиби меҳварии рисола калимаву иборот ва тарокиби калидӣ, забони ашъори шоир ҳамчун рукни муҳими маърифати шеър арзёбӣ шудаанд. Шарҳу басти аксари истилоҳоти хосаи фалсафӣ ва ирфонӣ, мафоҳим ва вожагони ифодакунандаи дигар ашё ва ҳатто воситаҳо бар асоси диду назари худи Бедил, ки дар девони вай бо шеваҳои ҷадиди маърифати бадеӣ сурат гирифтааст, таснифу табақабандии иборaву таркиботи шоирона аз нахустин кӯшишҳо дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва муқаррар намудани усулҳои танзими фарҳанги таъбирот ва таркиботи шеъри ӯ, инчунин таҳияи фарҳанги тафсирии истилоҳ, таркиб, мафоҳим бар асоси шуруҳи шоиронаи мавҷуд дар таркиби девони Бедил маҳсуб мегардад.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисола.** Натиҷаҳои илмии муаллифи рисола имкон дорад, ки дар улуми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа, ахлоқ, фарҳанг ва мардумшиносӣ ва ғайра барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин маводи рисоларо барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, махсусан адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи адабиёти тоҷикии Фароруд, таърихи адабиёти сӯфия, таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик, таълифи фарҳангҳои ирфонӣ, таркиб ва таъбирҳои шоирона, рисолаҳои илмии марбут ба масоили забоншиносии таърихӣ ва поэтикаи забони осори классикӣ, сабкшиносӣ ва амсоли ин истифода шаванд. Аз рисола зимни хондани лексияҳо, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатм, корҳои курсӣ дар факултаҳои филологӣ ва забонҳои шарқ, дар ҷараёни таълифи дарсҳо аз фанҳои мухталифи таърихи адабиёт ва адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, сабкшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти тоҷик, назмшиносӣ, каломи бадеъ, таърихи забон, шевашиносӣ, лексикология ва монанди он ба кор гирифта шавад.

**Матолиби меҳвари барои дифоъ:**

1. Баррасии мақом ва ҷойгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил дар таҳаввул ва таҷаддуди сабки нигориш, забон ва дарунмояи маъруфтарин шакли суннатии

шеър – ғазал.

Нақши Бедил дар зуҳури анвоъи нави ғазал аз дидгоҳи ҳунариву мавзӯӣ ва сохторӣ;

2. Ибтикороти Бедил дар таҳаввули маъноии вожагони муқаффо ва радиф.

3. Таҷрибаҳои ҳунарии Бедил дар татбиқи аносири балоғати ҳиндӣ ва қаволиби шеърии куҳани он дар шеъри форсӣ.

4. Таҳқиқ дар шинохти заминаҳои мушкилоти сабки сухани Бедил ва пайванди он ба сарчашмаҳои назарии шеъри қадимаи ҳиндӣ.

5. Мақоми Бедил дар эҷоди “ихтиорооте дар забони форсӣ” дар заминаи офариниши таркибҳои шоирона, вожасозӣ, маъниофариву мазмунсозӣ.

6. Баррасии поэтикаи забон ва лексикаи шоиронаи ғазалиёти Бедил, ҳунари шоирии суханвар дар вожасозӣ, таҳаввули маъноии калимот дар коргоҳи хаёли шоир, истифода ҳунарваронаи аносири фарҳанги мардум дар ғазал.

7. Таъсири суханварони пешин ба эҷодиёти Бедил ва идомаву такмили нодиртарин суннатҳои шеърӣ аз ҷониби ӯ.

8. Таҳқиқ дар тарҳи тасвирҳои парадоксӣ, ҳиссомезӣ, шеваҳои навини маъниофарӣ, дар заминаи таҷрибаҳои ҳунариву фикрии суханварони пешин.

9. Баррасии заминаҳо ва омилҳои зуҳури мактаби Бедил дар адабиёти баъд аз ӯ дар қаламрави забони форсӣ.

**Коркард ва натиҷаҳои илмии тадқиқот: Диссертатсия** дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (суратҷаласаи №9, аз 15 июни соли 2016) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар се рисола, 82 мақолаи илмӣ, аз ҷумлаи онҳо 20 мақола дар маҷаллаҳои феҳристи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Матолиби меҳварии тадқиқот дар бештар аз 30 ҳамоишҳои илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои адабиёти классикии тоҷик дар кишварҳои Русия, Олмон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Эрон, Ӯзбекистон, Бангладеш, Покистон**,** Тоҷикистон баён гардида, дар маҷмӯа ва маҷаллаҳои хориҷӣ мақолаҳо интишор ёфтаанд.

**Сохтори рисола**. Рисола аз муқаддима, панҷ боб, 24 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

## МӮҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** аҳамияти таҳқиқи мавзӯъ**,** дараҷаи омӯхта шудани он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии муаллифи рисола мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, сарчашмашиносӣ ва метододогияи таҳқиқот, арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва меҳварҳои аслии барои дифоъ манзуршаванда шарҳу тафсир ёфтаанд.

Боби аввали рисола **“Сохторшиносии ғазал ва таҳаввули он дар эҷодиёти Бедил**” унвон дошта, маҷмӯи масоили мавриди таҳқиқ дар доираи чаҳор фасл баррасӣ шудаанд. Фасли аввал мавсум ба “**Мирзо Бедил ва таҳаввули сохториву мӯҳтавоии ғазал дар адабиёти классикии тоҷик”**

сайри таърихии таҳаввули ғазал дар адабиёти тоҷик то замони Бедил ва тозакориҳои ин суханвари маъруфро дар ин навъи суннатии шеър фаро мегирад.

Сайри таърихии таҳаввули ғазал дар адабиёти форсу тоҷик бозгӯ аз он аст, ки дар иртибот бар фаҳмиши луғавии он ҳамчун навъи шеърӣ бештар дар тафсири муомилоти ошиқона суруда шудааст. Ҳарчанд дар ҷараёни ҳузури мактаби вуқӯъ дар адабиёти тоҷик ва қисман, дар айёми нуфузи сабки ҳиндӣ дар қаламрави шеър мавзуоти тозае рӯи кор омадаанд, вале ҳамоно ин танаввуи мавзӯӣ аз ҳадди чанд матлаби муайян дур намеравад. Манзур он аст, ки аз оғоз ғазал бештар посухгӯи ниёзҳои рӯҳии инсонӣ ва тафсиргари муомилоти ошиқона будааст.

Аз айёми ҳузури Саъдӣ ҳамчун устоди ғазал дар қаламрави шеъри форсӣ ва баъдан, Ҳофиз то ҷое иҷтимоъгаройӣ дар мавзӯоти ин навъи адабӣ ҷойгоҳи хоса пайдо намуда, ҳамин раванд дар қаламрави сабки ҳиндӣ шурӯъ аз мактаби вуқӯъ рӯ ба таҳаввул меоварад. Зоҳиран пажӯҳишгарони ғазал то ин айём аслан, се навъи онро аз диди мазмун муқаррар намудаанд: ошиқона, орифона ва қаландарона.

Ҳамин гуна, дар қаламрави адабиёти тоҷик то замони Бедил аз назари сохтору муҳтаво таҳаввулоти чашмрасе ба мушоҳида мерасад ва пеш аз ҳама вуруди тасаввуф ба адабиёт навъе ба эҷоди ғазали орифона ё сӯфиёна ва гунаҳои дигари он, ки Сируси Шамисо қаландарона номида, боис омадааст. Баъдтар Шайх Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ ва дигарон дар танаввуи мавзӯии ғазал ва истиқлоли сохтории байт дар он иқдом намудаанд. Арзишҳои адабӣ ва вежагиҳои ҳунарии ғазал низ такмил ёфта, корбурди киноёту иҳом, таъбирсозиву таркибофаринӣ, истифодаи ирсоли масал ва амсоли ин таҷассуми бештар касб намудаанд.

Ҳарчанд ин вежагиҳо дар ғазалиёти шоирони ин давр нуфузи фаровоне надоранд, аммо дар ҷараёни таҳаввули шеър дар қаламрави сабки ҳиндӣ ба хусусиятҳои меҳварии ғазал мубаддал гардиданд, ки нақш ва мақоми Мирзо Абдулқодири Бедил дар ин арса ба таври махсус таъкид шуданист.

Худи Бедил борҳо дар девони ғазалиёти хеш ба эътирофи мақоми бузургу барҷастаи суханварони қабл аз худ таъкид варзида, ҳатто мисраъ, таъбирот ва ишороте аз онҳоро ба ҳукми истишҳод дар каломаш ба кор гирифта. Аз ҷумла, дар маърифати ҷойгоҳи андеша ва афкору шеваи баёни сухансароёни пешин ба шумули Анварӣ ва Аттор фармуда:

Рафъи инкор аз насабҷӯёни маънӣ мушкил аст,<br>Гӯ ба қудрат Анварӣ, дар маърифат Аттор бош (10, 125).

Дар муқаддимаи “Муҳити аъзам” низ Бедил аз шоироне чун Толибу Зуҳуриву Салим ба унвони шоирони муваффақи мавриди эътирофи хеш дар қаламрави сабки ҳиндӣ ёд намудааст (12, 299).

Дар ҷараёни таҳқиқ мушаххас мегардад, ки Бедил ҳаройина бо табаҳҳури комил дар адабиёти классикии тоҷик, таҷаддуду таҳаввули ғазал, аз назари сохториву мӯҳтавоӣ, ва аз диди ҳунари шоирӣ нақши муассир гузошта, муҳимтарин вежагиҳои ғазали классикиро бо шеваҳои тоза такмил

намудааст.Шеваҳои хоси маъниофаринӣ ва сайди маъниҳои ноб барои Абулмаонӣ имкон фароҳам оварда, ки дар сохтори ғазали форсӣ навъе таҷаддуд ворид намуда, аз сарҳади бархе аз қоидаҳои маъмули зоҳирии шеър дар пояи таваҷҷӯҳ ба маънӣ бурун равад, ки дар диссератсия ба таври мухтасар бо зикри намунаҳое ҷудогона ба ин мавзӯъ руҷӯъ шуда, баъдан дар фусули мустақиле дар рисола муҳимтарин падидаҳои ин вежагиҳо таҳқиқ шудаанд.

Дар маҷмӯъ, Бедил дар ғазали гузаштаи мо аз лиҳози ҳунари шоириву дарунмоя ва сабки нигориш падидаҳои бадеиву ҷаззоби ҳунариро ба миён овардааст. Истиқлоли мисраъ, ки аз ҷумлаи таҳаввулоти маъноӣ дар ғазали классикӣ ба шумор меравад, ҳамзамон эҷоди пайванди маъноӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоир, диди мӯшикофона ва нигоҳи моҳиятҷӯи ӯ ишорат мекунад.

Фасли дувуми боби аввал **“Бозтоби афкори адабии Мирзо Абдулқодири Бедил дар ғазалиёти ӯ”** унвон дошта, дар он андешаҳои шоир роҷеъ ба шеъру шоирӣ ва лузумоти он, афкори адабии суханвар ва дидгоҳҳои хосаи вай дар бораи сабки сурудаҳояш бар асоси муроҷиат ба девони ғазалиёт шарҳу тафсир ёфтаанд. Таҷассуми дидгоҳҳои шоирон дар ашъорашон роҷеъ ба чигунагии шеър ва асолати он дар таърихи адаби форсӣ аз ҷойгоҳи хосае бархурдор аст. Нахустин зуҳури чунин назариёти адабии шоиронро дар бораи шеър аз устод Рӯдакӣ муқаррар намуд. Мирзо Бедил низ дар ин миён мустасно нест. Ин суханвари мумтоз бештару фаротар аз дигарон ба асолати шеъру рисолати шоир, ба вижа равиши хоси сухангустарии худ, ки омили муассир дар зуҳури мактаби шеърии ӯ ва ба таъбири хеш «забони бедилӣ» боис шуда, мутаваҷҷеҳ гардидааст. Баррасии нигоҳи Бедил ба шеъру шоирӣ ва чигунагии аслу мояи шеър метавонад дар тафсири дидгоҳҳои хоси шоир нисбат ба он, хоса афкори интиқодии вай дар оинаи шеър муассир ояд. Бегумон, ин шеваи таҳқиқ авомил ва роҳкорҳои таваҷҷӯҳи шоир бар чунин тозаназариву тозабаёниҳоро низ шарҳу тафсир намояд.

Бедил қабл аз он ки мехоҳад шеърро тафсир кунад, ба таъйини лузуми аслӣ ва аркону омилҳои муассир дар зуҳури шеъри ростин мепардозад. Дар андешаи Бедил, чун пешиниён табъи латиф аз муҳимтарин муҳассанот ва лузуми шеърӣ шуморида мешавад. Вақте табъи латиф дар вуҷуди шоир таҷассум надорад ва каломи ӯ аз лутфи таровида аз ҳамон табъ орист, пас он сурудаи вай наметавонад шеър бошад. Мирзо Бедил бо рафтани табъи латиф аз вуҷуди шоирон мақоми шеърро аздастарафта мебинад ва мартабати онро коста:

То латофат аз табоеъ рафт шеър аз рутба монд,

Муштарӣ гардид сангу қимати коло намонд (9, 286).

Бо ҳузури Бедил ба қаламрави адабиёти форсу тоҷик муҳимтарин гардише, ки дар ин арса эҷод шуд, пеш аз ҳама, нуфузи андеша ё тафаккур дар шеър аст. Ба ибораи дигар, шеъре бо ибтикори Бедил арзи ҳастӣ намуд, ки маърифати он тафаккури ғаврро хостор аст, ки ин маъниро худи шоир дар вусъати калимаи “тааммул” ғунҷоиш дода ва таъкид доштааст, ки равонии каломам дар тааммул бештар ба ҷилва меояд:

Дар тааммул бештар дорад равонӣ шеъри ман,

Мисраам аз сакта ҷуз шамшери лангардор нест (9,301).

Манзури Булмаонӣ он аст, ки бидуни он ки аксаран, шеъри ӯро мубҳам ва печида гуфтаанд, аммо агар ба тааммул дар он биандешем, ҷуз равониву тароватӣ хос чизеро наметавон пайдо бикунем.

Дар канори ин бардошти худӣ ӯ гаройиш ба баёноти печидаро маҳсули офариниши забони хосааш дар қаламрави шеъри форсӣ унвон мекунад ва худ сареҳан, ба нукта таъкид месозад. Ба таъбири шоир, "Он чи хомаи ман иншо мекунад, ҳарфи сахту сангин нест, балки барои маърифати он боз ҳам ҳуши расо даркор аст":

Он чи килкам менигорад, маҳз ҳарфу савт нест,<br>
Ҳуш мебояд, ки дарёбад забони бедилӣ (11,106)

Корбурди ибораи "забони бедилӣ" дар ин байт як диди наққодонаи шоирро ба шеъри худаш ошкор мекунад. Бедил ҳанӯз қабл аз ин ки аҳли тазкира ва пажӯҳиш ба вуҷуди мактаби хосаи шеърии ӯ ё сабки Бедилӣ ишорат кунанд, худ ба ин мавзӯъ руҷӯъ намуд.

Ҳамин тавр, Бедил воқеан нигоҳе махсус ба шеър ва лузуми он дорад. Ҳарчанд нақду назарҳои зидду нақиз дар мавриди сурудаҳои вай баён шудаву ибҳомотро аз ҷумлаи навоқиси шеъраш унвон кардаанд, аммо Бедил бо ҳамон назари вежае, ки ба шеъру шоир ва тафаккури шоирона дорад, ҳанӯз дар айёми хеш ба ин мабоҳис посух гуфтаву соҳиби дидгоҳи хоса соҳиби "забони хосаи бедилӣ" буданашро собит намудаву аз тарзи тозааш дифоъ карда. Ин дидгоҳҳои собит мусаллам месозанд, ки дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хоси баёни омил бар зуҳури мактаби бедилӣ Бедил бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутафаккир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ муқаррар сохтааст.

Фасли савуми боби аввали рисола "**Таҳаввули мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир»** ном дошта, дар он роҷеъ ба ибтироти Бедил дар таҳаввули маъноии ин унсурҳои сохтории ғазал сухан меравад. Бо таваҷҷӯҳ ба истиқлоли мисраъ, дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ду нуктаи муҳим мӯҷиби арзёбӣ аст: аввал ин ки ағлаби мисраъ дар ғазалиёти Бедил маънии мустақил касб карда, як матлаб дар он тавзеҳ ёфта; дувум, ҳарчанд истиқлоли мисраъ дар ғазалиёти ӯ нуфуз дарёфтааст, аммо дарунмояи ин ду мисраи мустақил ба ҳамдигар пайванд доранд, мисраи дувум ё тавзеҳи мисраи аввал аст ё баръакс ва ё яке дар тақвияти дигар суруда шуда:

Ғубори ғафлату рӯшандилӣ нагардад ҷамъ,<br>
Куҷост дидаи оинаро ғунуданҳо (9,144).

Агарчи ҳар ду мисраъ ҳузури як байтро эҷод кардаанд, аммо ба сурати ҷудогона маонии муайянеро касб намуданд. Мисраи аввали байт ба тавзеҳи ин маънӣ эҷод шудааст, ки ғафлатзадагиву рӯшандилӣ бар асари ду мафҳум ё ҳолати мутазоди ҳамдигар будан ба ҳам намеояд. Мисраи дувум, навъе таъкид аст, ки ҳаргиз дидаи оинаро хоб намеояд, чун асли оина танҳо бо дидаи бедору равшан мунаввар аст.

Гоҳо байтҳое ҳам дар ғазалиёти Бедил ҷой доранд, ки ҳар ду мисраъ комилан маонии мустақил касб кардаанд ва ҳатто гӯё пайванде миёни онон дида намешавад. Масалан, ин байти Бедил аз қабили ҳамин гуна абёт аст:

Бода бар ҳар табъ мебахшад ҷудо хосияте,
Бедил андар ҳар замин тамъи дигар медорад об (9,195).

Аз вежагиҳои муҳими сохтории ғазалиёти Бедил ба сурати такрор омадани вожагон дар мавқеи қофия аст. Равшан аст, ки дар мароҳили гузаштаи адабиёти форсӣ дар ғазал ва қасида такрор омадани калимоти муқаффо ҳатто навъе ҳашв ё аз уюби шеърӣ ҳам дониста мешуд. Аммо дар давраи таҳаввули сабки ҳиндӣ такрори вожагони муқаффо ба навъе муҳассанот ё вежагиҳои хоси шеърӣ бадал гардид, ки ин, пеш аз ҳама ба таҳаввули маъноии вожагон ва махсусиятҳои маъниофарӣ ва нуфузи мазмунсозӣ пайванд мегирад. Дар ғазали сабки ҳиндӣ, хоса Бедил ҳарчанд вожагон дар мақоми қофия такрор мешаванд, вале маъниҳои шоиронаи мухталиф касб мекунанд. Шоир бо корбурди умумии вожа дар таркиби як таъбири шоирона, ки ба иллати зарурат ин вожаи такрорро дар мақоми қофия дар таркиби ибора ва ҳам мисраъ ҷойгузин мешавад, ба он маънии наве мебахшад, ки нуфузи яке аз вежагиҳои хоси маънисозиҳои шоиронаро дар каломи Бедил муҷассам мегардонад. Масалан, дар як ғазали шоир вожаи <u>*даҳон*</u> дар таркиби "даҳони захм" се маротиба қофия шудааст, аммо таваҷҷӯҳ ба маънои умумии абёт равшан месозад, ки Бедил новобаста аз такрори он дар мақоми қофия барояш маънии нав мебахшад. Байти аввал чунин сурат дорад:

Пардадори ҷода кай гардад ҳуҷуми нақши по,
Бахя натвонад ниҳон кардан даҳони захмро (9,143).

Дар ин ҷо шоир ибораи "даҳони захм"-ро дар мавқее истифода мекунад, ки ба андешаи **ӯ "даҳони захмро духтан" ё "бо дарбеҳ бастан душвор"** аст, чун баробари бастан ба ҳадде аз он хун ҷорӣ мешавад, ки ҳатто ба он бахя нақши худро мегузорад. Ҳосил маънӣ он аст, ки кӯшиши бастани ҷода тавассути нақши по мисоли бастани даҳони захм ба василаи бахя мебошад.

Дар байти дигар, "даҳони захм" тимсоли чакидани хуни ҳасрат аз сухани дардмандон" ба шумор меравад, яъне аз сухани аҳли дард ҳамеша ҳасрат мечакад, он гуна ки ҳамеша аз даҳони захм мавҷи хун ҷорист. Ин ҷо равшан мешавад, ки ибораи "даҳони захм" тимсоли ҳадиси дардмандон аст:

Аз ҳадиси дардмандон хуни ҳасрат мечакад,
Ғайри мавҷи хун забон набвад даҳони захмро (9,143).

Дар байти савум Бедил маънии "даҳони захм"-ро худ шарҳ медиҳад, яъне мавҷи хун ангушти ҳайрат дар даҳони захм аст, то ки ба сифати теғи бедодии маъшуқ забон пайдо кунад. Яъне, мавҷи хуне, ки аз даҳони захм мечакад, ҳамон ҳолати аз бедодии маъшуқ ангушти ҳайрат газидани вай бошад, ки бар асари он хун ҷорӣ мешавад.

То ба васфи теғи бедодат забон пайдо кунад,
Мавҷи хун ангушти ҳайрат шуд даҳони захмро (9,143).

Бедил дар баробари таҳаввулоти маъноӣ дар такрори вожагон дар мақоми қофия дигаргуниҳое дар офариниши радиф дар ғазалҳои хеш ба зуҳур

расонида, ки онро радифҳои нодир низ метавон унвон кард. Устод Кадканӣ таъкид доштааст, ки "дар эҷоди тағироти хоси шеър ва тавсеи маҷозҳо ва истиораҳо" (14, 142) нақши муассир дорад. Дар ин маврид Бедил бештар аз вожагону калимоте ба кор мегирад, ки дар шеъри гузаштаи мо камтар дар мақоми радиф омадаанд ё комилан, хоси шеъри худи Бедил мебошанд. Баробари ин, аз такрори маъонӣ низ иҷтиноб варзида, аксари он калимоти мураддафро бо мазомини мухталиф ба кор мегирад, ки ин амр низ дар шумори ибтикороти ҳунарии ӯ қарор дорад. Масалан, дар ғазале вожаи **намак** ҳамчун радиф омадааст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳатто дар байти матлаи он такрори маъноии вожаи мазкур чашмрас нест. Дар мисраи нахуст шоир ибораи маъруфи "сухани бонамак", яъне каломи муассир ва бомаъниро дар таркиби ифодаи парадоксии **"ҷуз хамӯшӣ надоштани гуфтугӯӣ мо намак"** истифода намуда. Ин ҷо вожаи намак аз асли хеш дур рафта, маънии моҳият ва арзишро касб кардааст. Дар мисраи дувум низ ҳамоно Бедил аз воҳиди фразеологии маъруфи ба **"захм намак пошидан"** ба кор рафта. Ҳосили сухан он аст, ки аслу моҳият ва арзиши сухани мо хомӯшӣ ва даст кашидан аз гуфтугӯ аст ва баръакс, ин ҷо лаби гӯё ё суханвар ба ҷуз ин ки ранҷу азиятро афзун гардонад, коре наметавонад бикунад:

Ғайри хомӯшӣ надорад гуфтугӯи мо намак

То ба кай бар захми худ пошад лаби гӯё намак (10,231).

Дар байти дувум, вожаи **намак** ба маънии ҳамон эътибор ва манзалат ба кор рафтааст, яъне шоир **"дар дили об нопайдо будани намак"**-ро истифода намудааст:

Сайри боғи ҳусн хоҳӣ аз ҳаё ғофил мабош,

Дар дили об аст он ҷо сахт нопайдо намак (10,231).

Фасли чоруми боби аввал "**Вежагиҳои корбурди анвои авзони ғазал дар девони Бедил"** ба таҳқиқи хусусиятҳои корбурди авзони мухталиф, хоса вазнҳои нодир дар каломи Бедил бахшида шудааст. Маълум аст, ки девони Абулмаонӣ дар силки девонҳои аз нигоҳи теъдод бонуфуз ба шумор меравад, ки шумораи ғазалиёти он бештар аз 3000 адад муқаррар шудааст. Тазаккури фузунии шумори ғазалиёти шоир бозгӯи он аст, ки касрати таркиби девони шоир ба танаввӯъ ва фузунии авзон ва буҳур дар ғазалиёти Абулмаонӣ боис омадааст.

Таваҷҷӯҳ ба таъйин ва тақрири буҳур ва авзони девони Бедил ҳанӯз дар айёми зиндагонии худ шоир оғоз ёфта. Дар тазкираи «Сафинаи Хушгӯ», нахустин бор сухан аз ибтикори Абулмаонӣ дар танаввӯи корбурди авзон рафта. Ҳатто муаллифи ин тазкира мӯътақид шудааст, ки «гумони ғолиб он ки ҳеч баҳре аз буҳур дар расоили арӯз аз гуфтан намонда бошад ва чун аз фикр ба ҳамаи онҳо табиатро сер ёфт, бар ҳамон қадар иктифо накарда, баҳри бистум сивои он нуздаҳ баҳри арӯз эҷод карда ва дар он ғазалҳо саранҷом дод. Баъдан чаҳор байт намуна оварда, ки яке аз онҳо ин аст:

Маю нағма мусаллами ҳавсалаӣ, ки қадаҳкаши гардиши сар нашавад,

Биҳил аст сабуксарӣ он қадарат, ки димоғи ҷунунзада тар нашавад. (38,127)

Ҳамин тавр, дар девони Бедил маҷмӯан, 11 баҳри арӯзӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки аз инҳо иборатанд: баъд аз рамалу ҳазаҷ, музореъ, муҷтас, раҷаз, комил, мутақориб, хафиф, мунсареҳ, муқтазаб, сареъ.

Ба иттилои устод Бобобек Раҳимов илова бар 56 ғазал Мирзо Бедил 2 мухаммас низ дар ин баҳр, 24 ғазалу як қитъа дар баҳри мутақориби шонздаҳрукна, чаҳор ғазал дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна ва як ғазал дар баҳри раҷази мусаммани мураффали матвӣ сурудааст(15,66).

Баҳри комил аслан, дар шеъри форсӣ камтар маъруфият дорад, аммо Бедил дар корбурди анвои он мақоми шоёни ҳунарии хешро ба намоиш гузоштааст. Таҷрибаҳои Бедил дар авзони шонздаҳрукнаи баҳрҳои маъруфи мутақориб, мутадорик ва раҷаз низ ба иллати ба нудрат дучор шуданашон дар таърихи адабиёти тоҷик метавонанд ибтикороти Абулмаониро дар ин самт бозгӯӣ кунад. Маҳз, зимни мутолиаи ҳамин навъ ғазалиёти шоир, мо беҳтарин иқдомот ва маҳорати суханварии ӯро ба мушоҳида мегирем, то бар ин назар бирасем, ки ҳарчанд мухтареъ нест, аммо корномаҳое дар сурат ва сирати ғазали форсӣ бар мабнои танаввӯи истифодаи авзони шеърӣ ба зуҳур расонидааст. Ҳанӯз яке аз тазкиранависони аҳди Бедил Мир Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ дар «Хизонаи омира» ин таҷрибаҳои ҳунарии ӯро дар баҳри комил эътироф намудаву мақоми хосаашро дар корбурди ба таъбири эшон «буҳури қалил-ул-истеъмол» тазаккур дода, ин байтро ба унвони намуна овардааст:

Мани сангдил чӣ асар барам, зи ҳузури зикри давоми ӯ,
Чу нигин нашуд, фурӯ равам ба худ аз хиҷолати номи ӯ

(21,154).

Дар умум, мавҷудияти ҳудуди 60 ғазал дар ин баҳр бар таҷрибаҳои муваффақонаи ҳунарии шоир ва ҳамзамон ба касби нуфузи чунин буҳур ва авзон таъкид дорад.

Таҷрибаҳои Бедилро дар баҳри комил маҳдуд ба корномаҳои ҳунариаш дар ин баҳри камистифода нестанд, балки то ба андозае ба огоҳӣ ва омӯзаҳои вай аз шеъри қадимаи ҳиндии ведоӣ ва санскрит низ ишорат мекунанд. Ба навиштаи Абулқосими Исмоилипур ҳамаи сурудаҳои Ригведо мавзун аст. Ин сурудаҳо ҳар як ба таври мутавассит дорои даҳ банд аст. Ҳар банд чаҳор мисроъ дорад, аммо гоҳе се ва гоҳ панҷ мисроъ аст…Дар ашъори ведоӣ ҳудуди 15 вазн метавон ёфт, аммо роиҷтарин вазнҳои ведоӣ 3 тоанд» (13,20).

Бо таваҷҷӯҳ бар ин ки Бедил аз шеъри қадимаи ҳиндӣ, аз ҷумла ҳамосаи “Маҳабҳарата” огоҳии комил доштааст, дар такмил ва сохторшикании ӯ дар қолибҳои маъмулии ғазал ва тамоюл ба баҳри комил таъсири ин бардоштҳои ӯро наметавон сарфи назар намуд. Зеро миёни сохтори шеъри қадимаи ҳиндии санскрит, аз ҷумла авзони ҳиҷоии ин навъи шеър ва қолиби мазкури баҳри комил аз чанд ҷиҳат шабоҳатҳо ошкор мешавад. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки шумораи ҳиҷоҳои пояҳои шеъри ҳиндӣ низ ба бархе аз авзони арӯз баробар, яъне чаҳортоӣ аст. Аз ин рӯ, аз диди сохторшиносӣ Бедил зимни истифода дар ин баҳр навъе таҷрибаҳои ҳунариеро бар асоси огоҳӣ аз шеъри

қадимаи ҳиндӣ ба намоиш мегузорад, ки дар адабиёти форсии мо воқеан камназир ё ҳатто бебадил ҳастанд.

Баҳсу баррасии авзони шеъри Бедил ва таҷрибаҳои ҳунарии ӯ дар заминаи онҳо бозгӯ аз он аст, ки Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариниҳои хоса гардидааст. Шоир камтарин имконоти қолиб ва шаклҳои роиҷи шеъри суннатиро дар халқи маонии ноб ва офариниши мазмунҳои шоирона истифода карда, дар ин замина заминаҳои муҳкаме дар таквини шеъри нав дар адабиёти форсӣ гузошт, ки анҷоми ҷусторҳои фаротаре дар сарчашмашиносии шеъри нав бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаҳои ҳунарии Бедил метавонад бештару пештар ин амрро ба субут расонад.

Боби дувуми рисола "**Сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазал"** унвон дошта, аз шаш фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввали ин боб, ки **"Поэтикаи забони шеър ва забони бедилӣ: сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ бар он"** баҳсу баррасии масъалаҳои марбут ба забони шеъри Бедил ва заминаҳои зуҳури назарияҳо дар бораи печидагӯӣ ва ибҳом ба сабки сухани шоирро фаро мегирад.

Бо ҳузури Бедил ба қаламрави адабиёти классикии тоҷик ва эҷоди инқилоби адабии ӯ дар шеъри тоҷикӣ диду назарҳо ба каломаш аз ҳар роҳ сурат гирифта, дар умум ба сабки сухани шоир печидагӯӣ нисбат дода шуд. Шояд бо эҳсоси ҳамин нақду назарҳост, ки Бедил худ низ руҷӯъ ба ин равиши баён намуда, дар ашъораш борҳо аз тарзи сухани баланди хеш ва фаҳми тунд дар маърифати он, инчунин ба вуҷуд овардани забони хоси бедилӣ ишорат фармудааст. Маҳз, ҳамин гароиш ба ибҳомот ҳанӯз дар замони шоир ду шеваи шинохтро ба ашъори вай эҷод карда буд:

Назари аввалро метавон бозшиносии мақоми ҳунарии Бедил ва эътирофи таҷаддуди вай дар қаламрави шеър номзад кард, ки мӯҷиби зуҳури пайравони бешумори сабки нигориши шоир гардид. Бархе аз тазкиранигорони замони Бедил маҷмӯи ибтикорот ва тозакориҳои фикриашро чун инқилоби фикриву ҳунарӣ эътироф ва усулҳои вижаи вожасозӣ ва таъбирофаринии ӯро ихтироот дар забони тоҷикӣ қабул намудаанд.

Назари дувумро метавон диди интиқодӣ ба шеъри Бедил ва инкори равишҳои навҷӯии ӯ унвон намуд. Ин навъи шинохт боис гардида, ки ҷонибдорони ин назар маҷмӯан мушкилоти шеъри Бедилро илали ноогоҳии комили вай аз қавонини забони адабӣ муаррифӣ намуда, матолиби печида ва дур аз зеҳнро бемаъниву бемоя номидаанд.

Чунин бархурд бар асари ноогоҳи аз аслу ҷавҳари шеъри Бедил нисбат ба сурудаҳои ӯ қарнҳо низ давом намуда, ҳатто то ба имрӯз расидааст. Аммо бо ин ҳама шеъри Бедил ба ҳадде мақбули хосу ом гардид, ки дар тасаввури эшон ғунҷоиш надошт. Огоҳӣ ва маърифате, ки шоир аз таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва шохаҳои он дорад, шояд дар қаламрави забони форсӣ камтар шоиронро дар пояи ӯ метавон пайдо кард.

Сарчашмашиносии шеъри Бедил, замина ва омилҳои инқилоби фикрӣ ва ҳунарии ӯ дар ғазал мусаллам месозад, ки дар баробари идомаи беҳтарин суннатҳои шеъри гузаштаи тоҷикӣ ва таҷаддуд дар роҳи он шоир аз ҳар роҳу васила таҷрибаҳои нодир ва ҳунарваронаеро анҷом дод, ки пайванд ба дониш ва маърифати ӯ аз дидгоҳҳои назарии шеършиносии ақвоми мухталиф доранд.

Бедил барои таҳаввулоти шеваи баён ва забони ғазалиёти хеш аз унсурҳои муҳими балоғати қадимаи ҳиндӣ низ суд ҷуста, умдатарин матолиби назарӣ ва амалии онро шурӯъ аз поэтикаи санскрит то назариёти аҳли балоғаи қуруни вусто дар қолиби шеъри тоҷикӣ татбиқ намудааст.

Беҳтарин олимони улуми балоғии санскрит, мисли Бхамаха, Дандин, Удбхата, Рудрата ва дигарон мақоми асосиро дар муайян намудани дараҷаи бадеии асар ба воситаҳои нутқ, мисли ҳарф, овоз, воситаи ороиши бадеӣ додаанд, ки дар забони ҳиндӣ ба истилоҳи алангар ифода шудааст. Дар навбати худ, ин ҳарф ё воситаҳо (аланкар) ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне оне ки ба шакли калима тааллуқ дорад ва оне ки ба маънии он (6,509).

Таваҷҷӯҳ ба моҳияти аслии ин дидгоҳҳо муайян мекунад, ки ҳатто ҳарф, такрори он, такрори ҳиҷо, муқоиса, истиора, яъне истифодаи як калима ба ҷои дигар ва ё маънии дигар, муносибати ашё бо шеваи ифодаи онҳо тавассути вожагон, муболиға ва амсоли ин ки ба василаи мафоҳим ва истилоҳоти хоси ҳиндӣ ифода шудаанд, дар поэтикаи забони шеър дар ҳинди қадим низ нақши калидӣ доранд.

Ҷойгоҳи калидии забон дар шеърият ё ба истилоҳ поэтика ва зуҳури мафҳуми поэтикаи забон, ки дар асл сарчашма дар назариёти балоғии санскрит ва дар умум ҳиндувони бостон дорад, баъдан дар назарияҳои русиву аврупоӣ низ муқаррар гардид. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти назарии олими фаронсавӣ Светан Тодоров нақши калидии забон дар шинохти вежагиҳои ҳунарии осори адабӣ муқаррар шудааст.

Дар адабиётшиносии кишварҳои форсизабон истилоҳи дигаре бо номи “забони истиорӣ” ҷой дорад, ки дар асл ифодагари ҳамин маънои фавқуззикр аст ва заминаҳои аслии он ба зуҳури адабиёти ирфонии форсу тоҷик пайванди муҳкам дорад, зеро пайдоиши адабиёти тасаввуф корбурди истилоҳот ва мафоҳим хос, аз асли маъноӣ дур рафтан ва мазмунҳои ирфонӣ касб намудани калимотро авлавият бахшид. Дар баробари ин, ҳанӯз аз даврони куҳан фарҳангҳои фаровони истилоҳот ва мафоҳими ирфонӣ арзи ҳастӣ намуда, вежагиҳои забони хосаи назму насри тасаввуфӣ бар асоси назарияҳои муайян муқаррар гардиданд.

Бар асоси татбиқи вежагиҳои муҳими поэтикаи қадимаи ҳиндӣ дар шеъри Бедил фаслҳои баъдии ин боби рисола ба ҳамин масъалаи поэтикаи забони шеър ихтисос ёфтааст,ки асолату воқеияти он дар сурати мақоми вожаҳои дар коргоҳи хаёли шоир (дар мисоли ***вожаи нафас***), воситаҳои тасвири бадеӣ (дар мисоли киноя ва муаммо), фарҳанги суннат, вожа ва таркибҳои мардумӣ дар девони Бедил ба риштаи таҳқиқ гирифта мешавад. Бар асоси ин, дар фасли дувуми ин боб, “**Вожаҳои хос дар коргоҳи ҳунари шоирӣ ва маъниофариҳои Бедил”** дар мисоли вожаи ***нафас*** мавриди таҳқиқ қарор

гирифтааст. Дар назари аввал, саъй шудааст, ки дар мисоли баррасии вожаи “нафас” нақши муассири худи калима дар эҷоди падидаҳо ва арзишҳои адабиву бадеии ашъори Бедил ва мақоми суханвар дар тозакориҳо тавассути корбурди вожагони мураккаб, офариниши таркиб ва калимаҳои мураккаб, таъбирҳои шоирона бар асоси ҳамон як вожаи меҳварӣ ба риштаи таҳқиқ гирифта шавад.

Бо мурур аз ин шеваҳои маънои корбурди вожаи нафас ва мазмунсозиву таркибофарӣ маълум мегардад, ки дар шеъри Бедил ин вожа, қабл аз ҳама бо маонии мухталифе ба кор рафта, ки шоирони пешин камтар ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Танаввӯи маънои ин калима онро ба сурати яке аз вожагони пурбасомади девони шоир ва дигар сурудаҳои вай дароварда, ҳамзамон зуҳури маонии тозаеро боис омадааст, ки дар андешагоҳи ин шоири бузург ҳосил шудааст. Мирзо Бедилро даст дода, ки бо истифода аз ин вожа таркибҳои фаровонеро сурат бандад, ки ағлаби он махсус ва офаридаи худи шоир буда, ҳатто маъниҳои заминӣ ва ирфонии онҳо нав мебошанд.

Фасли савуми ин боб **“Васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Бедил (дар мисоли киноёт ва муаммо)”** роҷеъ ба нақши ин ду санъати муҳими бадеӣ дар тасвирсозӣ ва маъниофариҳои дар ғазалиёти Бедил баҳс мекунад. Равшан аст, ки Девони Бедил чун ашъори тамоми шоирони гузаштаи мо саршор аз васоити тасвири бадеӣ мебошад. Баррасии комили маҷмӯи ин воситаҳо ё саноеъ аз доираи имконот берун аст ва дар баробари ин, роҷеъ ба бархе аз онҳо кутуби ҷудогонае ба қалам омадаанд. Ба ин хотир, чун нуфузи киноёт дар девони Абулмаонии Бедил барои таҷассуми мазмунсозиҳо дар коргоҳи хаёли суханвар чашмрас аст ва баробари ин тозакориҳое дар зуҳури муаммо дар таркиби навъи ғазал ба вуҷуд оварда, дар ин фасли диссертатсия саъй шудааст, ки асосан роҷеъ ба ин ду санъати муҳими шеърӣ- киноя ва муаммо ва нақши онҳо дар сувари хаёли Бедил ибрози назар шавад.

Агар киноя дар шеъри форсӣ аз пурбасомадтарин саноеи бадеӣ эътироф мегардад, пас касрати корбурди он дар шеъри Бедил ба ҳаддест, ки шояд ягон нафар аз шоирони дигар ба ин сурат дар истифодаи ин санъат имтиёз надошта бошад. Дар ашъори Бедил шояд абёте ба нудрат пайдо шаванд, ки холӣ аз истифодаи киноя бошанд ва албатта, аз муҳимтарин авомили нуфузи ин санъат омили печидагии каломи Бедил низ гардидааст.

Дар нахустин байти девони Бедил ба чандин киноя бархурд кунем, ки аввал ибораи «ин ҷо»- киноя аз ин дунё ва «он ҷо» киноя аз олами улвӣ мебошад, ки дувум ба унвони радифи ғазал дар саросари он маънии киноӣ касб кардааст:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо,
Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо (6,43).

Ибораи мустаъмали дигари ин байт «кулоҳ бишкастан аст» ва киноя аз он ба мақоми баланд расидан, мартабаи баланд ҳосил кардан бошад.

Аз баррасии чанд намунаҳое аз киноёти шеъри Бедил равшан мегардад, ки корбурди ин санъати бадеӣ дар сурудаҳои Абулмаонӣ баробари басомади фаровон пайдо намудан, дар таҳаввули маъниофарӣ, нуфузи ибороти тозаи маҳсули андеша ва тафаккури шоир таъсири равшан гузоштааст.

Ҳузури муаммо дар абёти Бедил ҳам яке аз авомили муҳими таҳаввулоти маъноӣ ва сохторӣ дар шеъри шоир маҳсуб меёбад, зеро агар дар ашъори қудамо камтар санъати муаммо ҷилва мекунад ва ё он бештар дар сурати фард, қитъа ё дигар анвои шеърӣ суруда шуда, ҷойгоҳи хосаи муамморо дар шеъри Бедил мо дар ғазал мушоҳида мекунем. Дар канори ин ишорат бар як нуктаи муҳим лозим ба назар меояд, ки бар асари интисоби ибҳомот ва печидагӣ бар шеъри Бедил ҳатто муамморо аз ҷумлаи вежагиҳои шеъри шоир донистаанд ё ба таъбири дигар каломи Бедилро шеъри муаммоӣ унвон кардаанд. Вале бо ин ҳама зикри фаровони худи вожаи муаммо дар каломи Бедил бар он низ таъкид мекунад, ки шоир ба ин санъати бадеӣ ва шеваи гуфтори мазкур иштиёқ низ доштааст. Барои шинохти ҳар чи бештари масъала ба яке аз ин навъи муаммо дар шеъри Бедил мурур менамоем:

Чу чашми баста, муаммои роҳатам Бедил,
Ба лағзиши найи мижгон навиштаанд маро (9,102).

Вақте Мирзо Бедил зикри вожаи муаммо мекунад, ин нукта ишорате бар он дорад, ки дар таркиби байт рамзе нуҳуфтааст. Таъкиди Бедил ба «чу чашми баста, муаммои роҳат будан» бозгӯи он аст, ки асрори маънӣ дар ифодаи «роҳатам» нуҳуфтааст. Дар мисраи дувум ишорат ба он мекунад, ки «маро ба лағжиши найи мижгон» навиштаанд. Таammул ба маънии «лағзиши найи мижгон» матлаберо ошкор месозад, ки ҳангоми лағжидан ин вожа сурати акси худро мегирад ва он гоҳ аз охир ду ҳарфи «нун» ва «алиф», ки дар якҷоягӣ «но» хонда мешаванд, ба аввали калима мерасанд. Чун лағжидан маънии ҳаракат карданро ҳам дорад, ин ҷо ҳарфи «нун»- и охир бо алифи баъдӣ ба ҳам васл мешаванд ва вожаи най акнун ба «но» табдил меёбад. Ин «но»- и ҳосилшударо агар ба роҳат васл кунем, калимаи “нороҳат” ҳузур пайдо мекунад. Чун инсон ҳамеша оромиву роҳат надорад, Бедил бо зикри ин муаммо таъкид мекунад, ки ҳамеша чу чамши баста “муаммои роҳат", ки аслан, нороҳатист, манзур намудааст.

Дар девони Бедил ғазале ҷой дорад, ки аз ҳар мисраи он муаммое берун меояд. Бино ба таъкиди Холмуҳаммади Хаста ғазали мазкур бо дигар муаммоҳои Бедил дар нусхаи хаттии рубоиёти шоир, ки дар китобхонаи шоҳии Кобул маҳфуз аст, дарҷ гардидааст. Дар нусхаҳои мазкур дар фавқи ҳар мисраъ исме, ки аз он бармеояд, сабт ёфтаанд. Устод Бобобек Раҳимов низ бар асоси ҳамин нашри Девони Бедил матни ин ғазалро бо зикри номҳои аз он беруноянда дар охири ҳар мисраъ оварда, аммо шарҳе накардааст. Диссертант барои бозкушии муаммоҳои мисроъи ғазал иқдом намуда, ки дар диссертарсияи шарҳи он рафтааст.

Дар фасли чаҳоруми боби дувум “**Вожасозӣ ва танаввӯи таъбирофаринӣ дар ғазалиёти Бедил**” роҷеъ ба шеваҳои офариниши ибораву таркибҳои шоирона дар Девони Бедил баҳсу баррасиҳо ҷараён гирифтааст.

Таваҷҷӯҳ ба манзараи куллии таъбирофаринӣ ва таркибсозӣ дар девони Бедил баёнгари он аст, ки ӯ воқеан, дар раванди ин унсури муҳими ҳунари шоирӣ ба як таҳаввулоти куллӣ мувоҷеҳ шудааст. Агарчи дар шеъри гузаштаи

мо шеваҳои сохтмони таркибҳо ва иборахо хеле маъмуланд, аммо нуфузи ин падидаи марбут ба ҳунари сухангустарӣ дар девони Бедил боис омада, ки шоир усулҳои хос ва тозаеро дар ин росто ба зуҳур расонад.

Ба таври куллӣ ва бо мурур ба тарокибу вожагони шоиронаи Бедил метавон чанд равишро мушаххас намуд, ки зимни баррасии ашъори шоир воқеияти ин вежагиҳои хоси таркибсозии вай ошкор мегардад:

1) **Вожагони мураккаб ва ибораҳое**, ки аз усули махсуси калимасозии шеъри Бедил бархурдор буда, ҷиҳати ифодаи як маънӣ ва ҳатто теъдоди фаровони он барои тафсири маънии як калима омада, аз танаввӯи ифодаи мазмуни як мафҳум дар сурати чандин вожагони мураккаб дарак медиҳанд. Барои шарҳу тафсири ин шеваи кори Бедил ба шинохти ӯ аз манзалати рӯҳонӣ ва ҷисмонии инсон руҷӯъ мешавад, ки зимни сохтмони таъбирот ва вожагон ин ду бӯъди офариниши инсон ба назари эътибори гирифта мешавад. Бедил чун мехоҳад аз ҷанбаи рӯҳонии инсон сухан ба забон оварад, тарокиб ва таъбирҳое меофарад, ки ба ҳамон фазилати ақдас ва камолоти маънавии ӯ мутобиқат доранд. Масалан, ҷое барои тафсири инсон бо такя ба ҷанбаи рӯҳонии вай ифодаи «накҳати гул» -ро меофарад:

Аз ном агар нагзарӣ аз нанг бурун о,
Эй накҳати гул андаке аз ранг бурун о (9,44).

Гоҳи дигар бо такя ба ҷанбаи хокии ӯ, яъне маҳсули хок будани ҷисми вай таркибҳое меофарад, ки одамиро ҳақир, нотавон, оҷиз ва азаматаш нопойдор тасвир мекунанд. Ҳикмати таваҷҷӯҳи Бедил ба ин бӯъди ҷисмонии инсон пеш ҳама таъкид бар он аст, ки бо он ҳама бузурги мартабат маноз, ки ту ҳамин мушки хок ё ашки сари мижгон ҳастӣ. Бар ин асос, инсонро «мушти ғубор» унвон мекунад:

Нест ҷуз худшиканӣ домани иқболи баланд,
Охир, эй мушти ғубор, ин ҳама парвоз чаро? (9,115).

Бедил дар иртибот ба ҳолатҳои инсон, аз ҷумла инсони ориф, инсони ошиқ вожагони ҷолибу шоиронаи мураккаб ва таркибҳои тозае офаридааст, ки ҳамагӣ муфассири ҳунари нотакрори шоиронаи ӯстанд. Аз ҷумла, аз девони Абулмаонӣ калимоти муштақу мураккабро мисли ҳайратнигоҳ, ҳайраткамин, ҳайратрафта, ҳайратнаво, ҳайратоғӯш, ҳайратсуҷуд, ҳайратпараст, ҳайратдамида, ҳайратрақам, ҳайратоҳанг, ҳайратизҳор, ҳайратфиреб, ҷунунҳайрат, ҳайратматоъ, ҳайраторо, ҳайратзада (маъруф), ҳайратсиришт ва амсоли ин метавон хориҷ кард, ки маҳсули сувари хаёли шоир буда, ҳам аз назари мафҳуми орифона ва ҳам таркиби шоирона тозагиҳои нодиреро дар худ таҷассум намудаанд.

2) Навъи дигари ифодаҳои офаридаи Бедилро ибороти сеҷузъӣ ё серҷузъӣ ба вуҷуд овардаанд, ки барои ифодаи маънии як мафҳум бунёд шуда, маҳсули андеша ва тафаккури шоиронаи Бедил ҳастанд. Дар ин навъ таъбирҳо аксаран, вожагони бакоррафта аз асли маъноии хеш дур рафта, барои ифодаи матлаби мавриди назари шоир хидматгузорӣ намудаанд. Барои намуна ба чанд таркиб руҷӯъ мекунем:

**Дастгоҳи инфиъоили ҳар дукон** – василаи изҳори шармзадагӣ будан.

Кист ё раб то маро аз худфурӯшӣ вохарад,
Дастгоҳи инфиоли ҳар дуконам кардаанд (9,683).

Вижагии дигари ин шеваи таркибсозӣ, пеш аз ҳама дар канори ҳамдигар қарор додани мафҳумҳои маҳсус барои маърифати мафоҳими номаҳсус ба шумор меравад. Масалан, дар байти боло вожаи инфиол мафҳуми номаҳсус ё отифӣ аст ва барои маърифати наздик ба тафаккури хонанда ё тасаввурпазир афтодани он Абулмаонӣ вожаи дастгоҳро канори он мегузорад ва нахустин таъбир дар ҷузъи таркиби куллӣ «дастгоҳи инфиол» ҳосил мешавад, ки маънии восита ё унсури шармсозӣ бошад.

3) Таркибҳое, ки аз чанд ҷузъ ё калима иборат буда, барои ифодаи як ҳолати равонӣ сохта шудаанд:

**Тоқи абрӯи осудагӣ**- авҷи ҳолати оромиш ва осудагӣ

Мезанад соғар ба тоқи абрӯи осудагӣ,
Ҳар киро аз обила по бар сари Кавсар бувад (9,682).

4) Ифодаҳое, ки ба истилоҳи забоншиносӣ дар қолиби воҳидҳои фразеологӣ ё ибораҳои рехта сохта шудаанд. Агарчи бахше аз таркибҳои бад-ин шева сохтаи Бедил дар осори суханварони моқабл мавҷуданд, аммо шоир ба эҷоди тарокибе бад-ин қолиб тавфиқ ёфтааст, ки нуфузи онҳо боиси авлавияти ҷанбаҳои ҳунарии ғазалиёташ гардида. Бидуни тардид, дар як ғазал чунин таркибҳо аз 30 то 50 адад убур мекунад ва ин афзалият ба ҳаддест, ки ҳатто як мисраъ ба таври комил сурати чунин таркибро гирифта. Ҳатто аз дохили чунин таъбирҳо метавон чанд ибораи дигари шоиронаеро бурун овард. Ба ин байти Бедил мурур хоҳем намуд:

Анҷум чу тукма рехт зи банди ниқоби субҳ,
Чандин хумори ранг шикаст аз шароби субҳ (9, 454).

Мирзо Бедил дар шеваи сохтмони вожаҳои мураккаб ва таъбирҳои шоирона ба таври воқеӣ таҳаввулоти ҳунарие анҷом дода, аз ин роҳ дар ғанои таркиби луғавии забони тоҷикӣ асаре барҷаста гузошт. Нахуст, ибороти офаридаи ӯ дар гурез аз такрори вожаву таркибҳо барои ифодаи матолиби мухталиф имкон фароҳам оварданд. Сониян, бо истифода аз хазинаи пурбори луғоти тафаккури хеш ибораҳои нобу тозаеро халқ намуд, ки ҳамагӣ ҷиҳати касби маъниҳои нави вожагон дар таркиби чунин таобир муассир афтоданд.

Фасли панҷуми боби дувум **“Вожаву тарокиб ва суннатҳои мардумӣ дар девони Бедил»**, ба баррасии шеваҳои шоиронаи корбурди вожагон, таркиб, зарбулмасалу мақол ва дигар падидаҳои фарҳанги мардумӣ ихтисос ёфтааст**.** Таҳқиқ дар заминаи баҳрагирии Бедил аз фарҳанги мардумӣ мусаллам мегардонад, ки бештари вожагону таобири истифодашуда дар шоир дар форсии роиҷ дар Фароруд маҳфузанд. Шояд яке аз авомили аслии бадурусти ношинохтагии ӯ дар қаламрави Эрон ҳамин унсури муҳим забонӣ бошад. Ҳатто дар мавриди шарҳу тавзеҳ ва маъниёбии бархе аз чунин вожагон пажӯҳишгарони афғонистонӣ низ бар асари ноошноӣ бар табиати форсии Фароруд ба иштибоҳ роҳ додаанд. Баҳси муфассали ин матлаб дар рисола бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқони афғонистонӣ чун Муҳаммади Асир, Муҳаммад Козимӣ Козимӣ, Асадуллоҳи Ҳабиб рафтааст.

Корбурди ҳунарваронаи ин навъ вожагону тарокиб, дар иртифои муҳассаноти шеърии каломи шоир нақши муассир гузоштаанд. Дар ҷараёни баррасии мавзӯъ нахуст вожагони роиҷ дар таркиби фарҳанги мардумӣ ва шеваҳои шоиронаи корбурди он ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Танидан,** аслан ба маънии танидани тор, ки марбут ба анкабут аст истифода мешавад. Аммо дар форсии Фароруд ба маънии наздик будан, дӯстӣ гирифтан, қаробат пайдо намудан ҳам ба кор рафтааст. Масалан, ибораҳои **бо ҳам танидан**- дӯсти варзидан, наздик будан бо кас натанидан ба маънии изҳори наздикӣ накардан, дурӣ ҷустан маъруф аст. Дар байти Бедил ҳамин маъниро низ метавон маърифат намуд:

Мебояд аз дасти нафас ҷамъияти дил бохтан,
То реша бошад метанад, оворагӣ бар донаат (9,243).

Манзури Бедил он аст, ки то ҳастӣ ва зиндагӣ мекунӣ, оворагӣ бар вуҷуду ҳастии ту пайванд дорад. Дар ин ҷо ба ҷуз маънии мазкур ҳамзамон маънии луғавии вожа ҳам аз назар берун нест, чун ҳосили маънӣ дар сурати қабули ин маънии вожаи танидан он аст, ки то умр боқист, оворагиву саргарадонӣ донаи вуҷуди туро печида мегирад. Ҷолиб он аст, ки таркиби то реша бошад ҳам, сарчашма дар як мақоли мардумӣ дорад, ки он сурати «то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст»-ро соҳиб аст. Дар байте аз ғазали дигари хеш бошад, масали "То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст"-ро дар шакли "аз реша зери хок талоши самар нарафт" истифода карда:

Дар ҳастиву адам ҳама ҷо саъйи матлабест,
Аз реша зери хок талоши самар нарафт (9,222).

**Даст зери санг доштан,** дар фарҳанги мардумӣ бештар ба маънии дар коре лоилоҷ мондан, оҷиз будан, дар ҳалли коре дар мондан мавриди истифода қарор дорад. Бедил ин таъбири маъруфро, ки дар фарҳанги форсии фарорудӣ истеъмоли вофир дорад, бо шеваи хоси шоирона дар ғанои ҳунарии ғазалиёти хеш ба кор гирифтааст:

Зи иброми талаб навмедиям охир бачанг омад
Дуо азбас гарон кард дастам зери санг омад (9,648).

Аз мутолиаи девони Мирзо Бедил бармеояд, ки шоир дар баробари офариниш вожаву таркиб ва таъбирҳои шоирона, дар коргоҳи хаёлоти хеш, бо мурур бар фарҳанги мардум нодиртарин вожаву таобир, унсурҳои барҷастаи ҳунарӣ, номи ашёву василаҳоро, ки ҷои бархе аз онҳоро муродифоти арабӣ гирифтаанд, ба ҷаҳони андешаву афкори худ ворид намуда, аз ин роҳ барои офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза ва ҳифозати ин таркибу иборот ва калимаҳо иқдом менамояд. Ҳунари шоирии Бедил дар корбурди бамавриди маҷмӯи ин аносири фарҳанги мардумӣ ба ҷилва меояд, ки чунин истифодаи бамавқеъ дар ғанои маънавии сухани шоир муассир афтодаанд.

**Фасли шашуми боби дувум "ШАРҲ ВА МАЪНИГУЗОРИИ ШОИРОНА ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ"** унвон дошта, дар он шеваҳои хоси мафоҳим, истилоҳ, вожагон ва ҳатто таъбирот дар Девони Бедил аз сӯи худи вай мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Абулмаонӣ бо эҳсоси мушкилоти маърифати каломаш ёриву ёвариҳое барои хонандаи хеш мекунад ва бо

шинохти вежагиҳои хоси ҳамин «забони бедилӣ»-и худ дар мавориди мухталиф ба шарҳу тафсири мафоҳиму истилоҳот, вожагону таъобир мепардозад. Ин равишро Бедил дар маснавиҳо, осори насрӣ низ ба кор гирифтааст. Дар ин фасли рисола саъй мешавад, ки ин усули хосаи шарҳу тафсир дар девони ғазалиёти Абулмаонӣ Бедил мавриди баррасӣ қарор бигирад, ки ба зуҳури аносири нахустини шарҳ бар сурудаҳои шоир ишорат мекунад.

Бедил, дар аксари маврид бо такя бар дидгоҳҳои хосаи хеш ва аз зовияи мушоҳидаву маърифати худаш мафоҳиму истилоҳ ва вожагону таъбирҳоро дар девонаш шарҳу тавзеҳ додааст. Дар анҷоми ин кор низ шоир аз шеваву равишҳои мухталиф ба кор мегирад, ки ҳарчанд бахше аз онҳоро метавон навъе ихтирооти шоиронагии Бедил баршумурд, аммо дар ин роҳ аз шеваҳои суннатӣ низ ба кор гирифтааст. Маълум аст, ки бархе шеваҳои роиҷ дар адабиёти тоҷик дар самти шарҳу тафсири таъбиру таркибҳо ба чашм мерасанд, ки ҳарчанд ин шева аз устод Рӯдакӣ оғоз мешавад, аммо дар осони ирфонӣ нуфузи бештар касб мекунад. Масалан, тафсири нисбатан муфассали истилоҳоти ирфонӣ бо ин шева дар маснавии “Мусибатнома”-и Аттори Нишопурӣ ҷараён гирифтааст, ки шарҳи намунаҳое аз он дар рисола рафтааст.

Бедил низ ҳамин шеваҳои маъруф дар адабиёти форсу тоҷикро ҷиҳати шарҳи мафоҳиму вожагон ва таъбирҳои муайян идома дода, дар девонаш борҳо аз ин усул ба кор гирифта ва дидгоҳҳои хосаи хешро барои хонандааш рӯнамоӣ кардааст. Бо ин усул ҷое вожаи «мағрурӣ»-ро чунин тавзеҳ намуда:

Чист мағрурӣ? Зи фикри хеш ғофил зистан,
Аз гиребон он ки сар бардошт, гардан доштаст (9,338).

Ҳарчанд ин шеваи маъруф дар девони Абулмаонӣ низ ба чашм мерасад, аммо бо ҳамон эҳсоси мушкилоти забони сурудаҳояш ин суханвари мумтоз аз равишҳои хосе дар тафсири мафоҳиму истилоҳот ва вожагону таъбирот ба кор гирифта,ки бо мақсади муназзам ҷараён гирифтани мулоҳизот баррасии масъалаи мазкур дар заминаи таснифи зайл сурат мегирад:

А) шарҳи истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ;

Б) тафсири авотиф ва ҳолоти инсонӣ;

В) шарҳи вожагону таъбироти мухталиф;

Дар диссертатсия вобаста ба зарурат шеваҳои шоиронаи тафсири ин мафоҳим, ки бар пояи ибтикороти худи Бедил арзи ҳастӣ намудаанд, таъкид шудааст. Аз ҷумла, Бедил истилоҳи фалсафии Адам» -ро дар байте аз худ чунин тафсир мекунад:

Адам гуфтан кифоят мекунад, то Одаму Ҳавво,
Дигар эй ҳарзагарди ваҳм, тӯмори насаб макшо (9,12).

Ба назари Бедил мафҳуми адам ифодакунандаи замони пеш аз офариниши инсон аст. Бар ин ваҷҳ аксаран сӯфиён инсонро аз адам омада ё худи адам медонанд, ки дубора ба он бозмегардад.

Баробари тафсири мусталеҳоти ирфонию фалсафӣ Бедил кӯшидааст, ки тавассути тафаккури баландаш ба мағзи ашёву ҳаводис роҳ кушода, моҳияти онҳоро кашф намояд. Ӯ зиёда ҳолатҳои равонии инсонро тафсир мекунад, ки

марҳила ба марҳила шоирро ба шинохти олам раҳнамоӣ мекунанд.

Масалан, оби дида, яъне ашкро чунин шарҳ медиҳад:

Бар гиряам назар куну аз ҳасратам мапурс,

Арзи гудози сад нигаҳ аст оби дидае (10,698).

Тафсири вожагони гул ҳамчун ҷузве аз табиат ва тараб ҳолати сурури равонии инсон дар андешаи Бедил чунин сурат гирифтааст:

Видои ғунчаро гул ном карданд,

Тарабро мотами ғам офариданд (9,479).

Баробари шарҳи ин ду вожа, Бедил як фалсафаи ҷолибро пеш мегузорад, ки дар адами як чиз чизе дигар тавлид мешавад. Масалан, аз байн рафтани ғунча мӯҷиби тавлиди гул мегардад ва бо зуҳури шодӣ ғам аз миён меравад.

Нуфузи чунин тафсирҳои шоирона ба мо имкон медиҳад, ки бо берун баровардани онҳо аз матни девон ва дигар осори Бедил як фарҳангномаи хосаи шоиронаро бар асоси шарҳу тафсирҳои худи ӯ тадвин намоем.

**Боби савуми рисола "Тасвирсозӣ, шеваҳои шоиронаи маъниофарӣ ва таҳаввулоти мавзуӣ дар ғазалиёти Бедил"** унвон дошта, меҳварҳои аслии таҳқиқот дар ин боб дар доираи се фасл баррасӣ шудаанд. Фасли аввали ин боб "**ҒАЗАЛИ ТАСВИРӢ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ**", таҳқиқи шеваҳои сохтмон ва эҷоди ғазали ба истилоҳ тасвириро дар мисоли шарҳи комили як ғазал дарбар мегирад. Яке аз шохисаҳои барҷастаи ҳунари шоирии Абулмаонӣ нуфузи аносири тасвир ва тасвирпардозӣ маҳсуб меёбад, ки он бо шеваҳои мухталиф зуҳур кардааст. Аммо он чи мустаъмал дар равишҳои корбурдии тасвир дар шеъри форсӣ аст, вуҷуди тасовир дар қолиби як ё якчанд байт ба шумор меояд. Тасвири манозири табиат бошад асосан, дар қисмати ташбиби қасоид ҳузури равшан дорад. Вале таҷорубе дар шеъри Бедил ба мушоҳида мерасад, созмон ёфтани саропои абёти як ғазал аз тасовири мухталиф аст ва ин таҷрибаро як вижагии тозаи ҳунарии шеъри шоир метавон номзад кард. Гоҳо авлавияти тасвир дар шеъри Бедил ба ҳаддест, ки як ғазал мукаммал аз тасвирҳои шоирона таркиб меёбад ва омил ба таҳаввулоти ҳунарӣ дар зуҳури ғазали ба истилоҳ тасвирӣ мегардад, ки онро мо шартан ҳамин гуна унвон додаем.

Дар диссертатсия аз баҳси куллӣ ва назарии тасвирпардозӣ дар шеър фурӯгузорӣ шуда, баррасиву шарҳи яке аз ғазалҳое сурат гирифтааст, ки бар пояи нуфузи тасвир дар матни комил онро ғазали тасвирӣ унвон ниҳодаем. Байти матлаъи ғазал чунин аст:

Субҳдам сайёра бол афшод аз домони шаб,

Вақти пирӣ рехт аз ҳам оқибат дандони шаб (9, 210).

Дар марҳилаи фаро расидани субҳ зуҳури сурати куллияи сайёраи замин, ки бо диди фалсафӣ дар вуҷуди он олам ва ҳатто зиндагонӣ қарор гирифта, аз зери боли шаб падид омадааст. Шаб ба сурати парандаест, ки дар фосилаи замоне боли худро меафшонад ва аз зери боли ӯ зиндагӣ рӯшан мегардад. Вуруди саҳар навъе ба айёми пирии шаб шабоҳат дорад, ки дандонҳояш мерезанд. Ин дандонҳои шаб ҳамон ситорагон ва дигар аҷроми самовӣ ҳастанд, ки бар асари расидани субҳ нопадид мегарданд.

Дар умум, ташреҳи куллии ин ғазал бозгӯ аз он аст, ки Бедили Деҳлавӣ дар офаридани тасовири шоирона бештар аз воқеиятҳои зиндагӣ иқтибос мегирад ва мекӯшад, ки бо пайванд бахшидани аносири воқеӣ ва мафоҳими равониву авотифи рӯҳӣ мушоҳидаву бардоштҳои шоиронаи хешро таҷаллӣ бахшад. Дар баробари ин, агарчи дар адабиёти гузаштаи мо тасвирсозӣ бештар дар бахши ташбиби қасида, васф ва тасвири манозири табиат ва фаслҳои сол ҷойгоҳе махсус дошта бошад, аммо дар девони Бедил ба чандин ғазал метавон мурур намуд, ки саропо ба тасвири манозири табиат ва ҳолу ҳавои фазои мухталифи зиндагӣ бахшида шудаанд. Чунин навъи ғазал аз он паём мерасонанд, ки Бедил дар офариниши навъи ҳунарии ғазали тасвирӣ тавфиқ ёфтааст.

**ФАСЛИ ДУВУМИ ИН БОБ “ ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ”** баҳсу баррасиҳо роҷеъ ба тасвири табиат дар каломи Бедилро бар асоси як ғазали баҳорияи ӯ фаро мегирад. Албатта**,** роҷеъ ба ин мавзӯъ таҳқиқоти донишманди итолиёти Боузанӣ таҳти унвони “Васфи табиат дар шеъри Бедил” низ ҷой дорад, ки бештар бар асоси мурур ба маснавии “Тӯри маърифат” ва тасвири манозири табиати куҳи Байрот сурат гирифтааст. Таҳқиқи ҳунари шоирии Бедил дар мисоли тасвири манозири табиат дар фасли баҳор бар асоси ғазали маъруфи вай, ки байти матлаъаш чунин аст, ҷараён гирифтааст:

Чашм во кун ранги асрори дигар дорад баҳор

Он чи дар ваҳмат нагунҷад ҷилвагар дорад баҳор (10, 116).

Бедил инсонро ба шинохтани ҷамъи назокатҳои баҳор мехонад ва дастури ҳакимонаи ӯ барои бебаҳра намондан аз ин фурсати мутанами умр таркиби амрии «чашм во кун» аст. Ин «чашм во кардан» нидоест, ки ба моварои вуҷуди ҷисмонии инсон садо мезанад ва ба гӯши ҷони ӯ мерасад, то ин лаҳазоти хеле кӯтоҳро дарёбад ва фоиз аз он гардад. Ҳамин дарунҷӯшии Бедил дар кашфи дақоиқи баҳори кӯтоҳнафас тафаккури фалсафии ӯро дар канори маърифати зоҳирии таҷаммули ин фасли сол таъйид мекунад. Ба таъбири дигар Бедил дар нигорхонаи чинии баҳор бурунтар аз он чӣ мебинад, ки пешорӯи мо ҷилвагар аст ба сурати гулу гиёҳу сабзаву дарахту ҳама шукуфоиҳо ва ба таъбири худаш «тӯфони гул». Фарқияти тасовири табиат, ба вижа музайяноти асрори ранги баҳор дар шеъри Бедил аз дигар шуаро дар он ҳувайдост, ки агарчӣ шоирони дигар бештар зоҳири зебоиҳои ин фасли ҷавониро тасвир мекунанд, Бедил дар канори аксбандии ин сувар дар оинаи хаёли худ ва рӯи сатрҳои каломаш фурӯ ба аъмоқи онҳо низ мешавад, то фаротар аз ин мазоҳир ҷавҳари онро ҳам ба унвони фалсафаи зебоӣ ва маҳсули тафаккури фардии хеш тафсир кунад.

Шарҳу тафсири ғазал бозгӯи он аст, ки Бедил дар офаридани тасвирҳои тоза дар ҳама мавorид чирадаст аст ва фаязони ин қудрати фикрӣ ва ҳунарии ӯ то имрӯз доман кашидааст. Фузун бар он чи ӯ аз ҳақоиқи сурати баҳор дар оинаи хаёл ва тасаввури худ тарҳрезӣ мекунад ва бо нигоҳи нозукбини худ баҳору маҷмӯи аносири зебоиҳои онро ба қаламӣ шоиронаи худ наққошӣ менамояд, аз ҳар бӯъду унсури баҳор ҳикмат ва фалсафаеро кафш мекунад, ки маҳсули андешаву афкори баландпарвози шоир ҳастанд.

**Фасли** савуми боби савуми рисола **“Тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти бедил”** унвон дошта, таҳқиқу баррасии тасвирҳои парадоксиро дар сурудаҳои шоир фаро гирифтааст.

Дар зери мафҳуми тасвирҳои парадоксӣ, дар адабиётшиносӣ тасовире фаҳмида мешавад, ки бар асоси ду мафҳуми ба ҳам зид бунёд ёфта, зоҳиран, мафҳуми ба таъбири худи шуаро, “бемаънӣ”- ро ифода мекунанд. Ба ин хотир, онро тасвирҳои мутаноқизнамо ҳам гуфтаанд. Устод Кадканӣ навишта, ки “Истилоҳе (манзур тасвирҳои пародоксӣ- Н.Н.) аст, ки ман сохтаам на дар адабиёти қадими худамон вуҷуд доштааст (яъне, кутуби балоғӣ) ва на дар адабиёти фарангӣ (то он ҷо ки ман ҷустуҷӯ кардаам). Манзур аз тасвирҳои парадоксӣ тасвирест, ки ду рӯи таркиби он ба лиҳози мафҳум якдигарро нақз мекунанд мисли «салтанати фақр» (14,54).

Аммо Футӯҳӣ пешинаи вуҷуди ин навъ тасовирро ба бисту панҷ қарн пеш ба гуфтаҳои орифи қадимаи чинӣ Лоутса мепайвандад, вале баробари ин бар назари дигари ин муҳаққиқ наметавон мувофиқ шуд, ки қадимтарин намунаи пародокс дар адабиёти форсӣ ин намунае аз шеъри Саноӣ аст:

Ишқ гӯянда ниҳони сухан аст,
Ишқ пӯшида бараҳнаи тан аст” (36,330).

Тааммул ба сурудаҳои устод Рӯдакӣ собит месозад, ки нахустин намунаи таъбир ва ҳам тасвири пародоксӣ дар каломи устод шоирон дар таркиби таъбири “ҳаловати захм” ба чашм мерасад:

Бахокхуфтаи тири ту аз ҳаловати захм
Забон бароварaду захмро даҳон лесад (31,25).

Ҳамин тавр, дар шеъри гузаштаи мо дар каломи дигар шоирон низ аз ин намунаҳо ҳарчанд ба нудрат ба чашм мерасад ва барҳақ, дар шеъри Бедил корбурди чунин тасовир ба як вежагии ҳунарӣ бадал мешавад. Ба қавли Футӯҳӣ “дар шеъри Бедили Деҳлавӣ забони пародксӣ дар авҷи зебоӣ ва қудрат намоён мешавад. Тасвири породуксӣ, ҳомили таҷрибаҳои шахсӣ ва шуҳудӣ аст ва монанди намоду устура, ҳикоят аз кашфи ҳақиккатӣ ношинохта дорад” (36,210).

Муаллифи китоби “Ғизолони Ҳинд” Озоди Балгиромӣ низ бар асоси балоғати ҳиндӣ сарчашмаи падороксро ба санъате маъруф бо “вифоқ” муқаррар намудааст. (21,73).

Таваҷҷӯҳ ба сурудаҳои Абулмаонии Бедил собитгари ин амр аст, ки барҳақ, нуфузи чунин тасвирҳо дар забони шеъри ӯ ба табдили тасвирҳои мутаноқиз ё ба қавли Балгиромӣ “Вифоқ” омил омадааст. Руҷӯъ ба намунаҳои ашъори шоир ва зикри таъбиру таркибҳои борвар аз тасвирҳои пародоксӣ шореҳи ин матлаб аст:

**Баландии ошёни аҷз:**

Баланд аст он қадарҳо ошёни аҷзи мо Бедил,
Ки бе саъй шикасти болу пар натвон расид он ҷо (9,81).

**Аз безабони равшан шудани поси номуси сухан**. Дар асл сухан дар ҳоли ба забон овардани ҳарфу ҳиҷову калимот эҷод мешавад. Ин ҷо шоир тавассути ин таъбир матлаби хешро баён карда, ки сухани мо дар безабонӣ

равшан аст ва албатта, ин  ҷо манзур ҳамон шеър аст, ки агарчи безабон аст, аммо сад забон дорад:

Поси номуси сухан дар безабонӣ равшан аст,

Ҳеҷ мазмуне дар ин сурат нафасфарсуда нест (9,316).

Дар каломи ин суханвари тозакор ва таҷаддудгаро вуҷуди тасвирҳои пародоксӣ дар таркиби таъбирҳои шоирона барои танаввуъи шеваи баён, эҷоди мазмунҳои тоза, ки хоси сабки сухани шоир ва забони баёни ӯ ҳастанд, нақши муассир гузоштаанд.  Ҳарчанд ин навъ тасовир дар каломи шоирони пешин низ ба нудрат ба чашм мерасанд ва ҳатто дар шеъри суханварони сабки ҳиндӣ тадриҷан нуфузи онҳо афзуда, аммо дар ҳақиқат дар ашъори Бедил, хоса ғазалиёти ӯ ҷилваи нақши ин навъ тасвирҳои шоирона ба як вежагии муҳими ҳунарӣ бадал гардидаанд.

Дар фасли панҷуми боби мазкур  **“Маъниофарӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзуии ғазал дар девони Бедил”**  шеваҳои маъниофарӣ ва таснифоти мавзӯии ғазалиёти Бедил  шарҳу тафсир ёфтаанд. Бедил дар канори мусоидат дар таҳаввули сохториву ҳунарӣ ба танаввӯи мавзӯии ғазали классикӣ муваффақ гардида, шарҳу тафсири муҳимтарин матлабҳои фалсафиву ирфонӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ҳатто танзу ҳаҷву интиқод ва амсоли инро ғунҷоиш дод. Баррасии мавзуии  девони Бедил мусаллам месозад, ки ӯ ибтикори Мавлоно дар “Маснавӣ” аз дидгоҳи нуфузи мавзӯоти мухталиф дар ғазал анҷом додааст. Чун ғазал аз анвои ғиноии шеър ба шумор меравад, то замони нуфузи сабки ҳиндӣ дар он асосан мавзӯоти ишқи заминиву ирфонӣ  шарҳу тафсир ёфтаанд. Вобаста ба ин, маҷмӯи мавзӯоти матраҳ дар доираи ғазали классикиро метавон баршумурд. Аммо дар сабки ҳиндӣ, хоса мактаби Бедил ҳатто дар як ғазал фаротар аз 10 мавзӯъ бо шеваҳои хоси шоирона тафсир шудааст.

Бо мутолиаи ғазалиёти Бедил метавонем натиҷа бигирем, ки ин суханвари мумтоз аз диди мавзӯӣ низ ба эҷоди анвоъи ғазалҳое чун фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфониву ҳасбиҳолӣ, ҳаҷвӣ муваффақ гардида, бар ин асос дар маъниофариҳои тозаи шоирона мақом ва ҷойгоҳи хосаеро соҳиб аст. Таснифоти мавзӯии  девони Бедилро метавон ба таври алоҳида дар доираи як мавзӯи ҷудогона баррасӣ намуд, аммо дар доираи баҳси мо, ки аслан  ба ҳунари шоиронаи Бедил дар шарҳу тафсири мавзӯоти мухталиф ва шеваҳои баёни он, мазмунсозиву маъниофарӣ иртибот доранд, бар пояи чанд мавзӯи мушаххас ин масъала ба риштаи таҳқиқ гирифта мешавад:

**Фалсафаи ваҳдат ва касрат, сулҳи кулл ва муколамаи фарҳангҳо:**

Бедил аз зумраи шоироне аст, ки дар таблиғи сулҳу дӯстӣ, мактаби ваҳдати вуҷудӣ ном баровардааст. Ғояҳои ваҳдати вуҷудии Бедил то ҷое боз ҳам маншаъ дар омезаҳои ирфони ҳиндиву эронӣ ва исломӣ доранд ва фармудаҳои Худованд дар Қуръони Маҷид сарчашмаи зухури ин андешаҳост чун ба таъбири худи ӯ дар ҳафтсолагӣ забони аҷзбаёнро бо ихтимоми Қуръони Маҷид фоиз гардонида буд. Аммо Бедил дар бозгӯӣ ва ташреҳи ҳикматҳои фалсафаи ваҳдати вуҷудӣ ба масобаи як сояи шоирони пешин қарор нагирифт, балки як роҳи фарозу рӯшанеро дар андешаи худ кашф кард, ки пушти он симои шоир ҷилваҳои нуронӣ дарёфт. Ҳарчанд нуктаи ангезаҳои андешаҳои

Бедил аз китоби муқаддаси Қуръон сарчашма мегирад, аммо ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии афкори ӯро низ метавон ба авзои замон ва муҳити зиндагониаш дарёфт намуд. Равшан аст, ки Мирзо Бедил дар муҳите зиндагонӣ дошт, ки ба ибтикороти умаро ихтилофи диниву мазҳаби миёни мусалмонон ва ҳиндувон ҷой дошт. Муҳаққиқон аз муҳимтарин омили пирӯзии намояндагони хонадони темуриёни Ҳинд, хоса Акбаршоҳро дар бунёди давлати муқтадир ба роҳандозии сиёсати оштии мазҳабӣ, ки ба ҷараёни Сулҳи кулл маъруф аст, мансуб медонанд. Бедил ҳамчун яке аз мубаллиғони ин ҷараён хостори ваҳдат миёни кулли ақвом мешавад, то ҳамагуна хушунати қавмӣ, зиддиятҳои мазҳабӣ аз миён бардошта шавад. Аз ин ҷост, ки борҳо ба масъалаи Сулҳи кулл таъкид мекунад:

Ба ҳамворӣ тариқи Сулҳи кулл чанде ғанимат дон,<br>Зи чанги субҳа бар зуннор печидаст дин худро (9,141).

Дар меҳвари фалсафаи ваҳдати вуҷудии Бедил инсони комил қарор мегирад, ки барои ифодаи он шоир таркиб ва таъбирҳои шоиронаеро халқ мекунад. Аз ҷумла, дар шарҳу тавзеҳи мақоми инсони комил аз вожаву таркибҳои “мард”, “марди ихтиёр”, “марди майдонгоҳи таслим”, “марди қудрат”, “марди таҳқиқ”, “пир” истифода намудааст Ба намунае аз абёти шоир руҷӯъ мешавад, ки тавассути эҷоди чунин таркибҳо Бедил аз мақоми инсони комил сухан кардааст:

Бедил зи қайди ҳастӣ, саҳл аст боз ҷастан,<br>Гар марди ихтиёрӣ, рав аз адам бурун о (9,44).

Афзун бар ин, дар каломи Абулмаонӣ барои ифодаи инсони комил ва маҷмӯан, мақоми маънавии ӯ таркибҳои шоиронаи зиёде аз қабили “ҳайратнигоҳ”, “мавҷигавҳартинат”, “накҳати гул”, “соҳибназар”, “рамзошно”ва амсоли ин ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ ҳунари Бедилро дар тарсими чеҳраи инсони комил бозтоб мебахшанд, ки баҳсе мустақилро тақозо дорад.

**Маъниофарӣ перомуни мафоҳим ва истилоҳоти фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ:**

Бедил,ки дар сарзамини Ҳинд ба сар мебурд, аз таъсири андешаҳои мактабҳои фикрӣ ва фалсафии он, аз ҷумла мартозону бараҳманон берун намонда. Аз ин ҷост, ки ӯ назди орифи машҳури замони хеш фалсафаи йогаҳоро омӯхтааст,ки баҳси муфассали ин мавзӯъ дар фасле аз боби дувуми рисола рафта. Бедил бо омӯзиши аносири ин мактаб тавассути Шоҳ Яккаи Озод омӯзаҳои онро дар риёзати ирфонии худ зиёда ба кор гирифтааст. Дар ашъори шоир мо ба таркибҳои забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта, нафасро об кардан ва ғайра дучор меоем, ки нашъа дар таълимоти мазкур доранд. Масалан, Бедил мегӯяд:

Забти нафас навиди дили ҷамъ медиҳад,<br>Гар фоли кутаҳӣ занад, ин реша донаест (9, 264).

Аз ҷониби дигар, Бедил дар инкишофи ҷанбаҳои фикрии ин мактаби фалсафӣ эҳтимом варзида, назарот ва андешаҳои эшонро такомули маънавӣ бахшид. Бо бардошт аз ин андеша, Абулмаонӣ дар тариқати хеш то ба ҷое

мерасад, ки нафасро охирин василаи таалluқи инсон меҳисобад. Аз ин рӯ, фосилаи раҳоии инсон аз таалluқоти дунявӣ ба андозаи фурсати нафас дуздидан ё нафас сӯхтан ва ё забти нафаси вай аст:

Бедил эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардам,
Нафаси сӯхта эҷози Масеҳои дил аст (9, 239).

**Бозтоби шоиронаи масоили ахлоқӣ дар ғазал.** Ба шеъри Бедил бештар аз диди салиқаи ҳунари шоирӣ, сабкшиносӣ ва ҳатто ҷаҳони андешаҳои борвар аз фалсафаву ирфон таваҷҷӯҳ зоҳир шуда, то ҷое афкори ахлоқиву ҳикамии падари маъниҳо аз назарҳо дур мондааст. Дар ин сурудаҳои шоир, пеш аз ҳама мухотаб боз ҳам насли ҷавон аст, ки ниёз ба камолоти маънавӣ дорад ва ин андешаҳои судманд имрӯз ҳам файзгузор хоҳанд буд, зеро шоир дар шарҳу тафсири ҳамин гуна матолиб низ аз падидаҳои нодири суханварӣ ба кор мегирад.

Таҳлили падидаҳои ахлоқи инсонӣ тавассути таркибҳои шоирона, баёни ҳунарваронаи масоили ахлоқӣ бозгӯи он ҳастанд, ки Бедил дар заминаи тафсири масоили мухталифи фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ба тарҳи мазмунҳои шоирона ва таъбиру таркибҳои нодир низ муваффақ гардидааст, ки дар тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии шеъри вай нақши муассир гузоштаанд. Ба хотири дурӣ ҷустан аз такрори матолиб шоир дар тафсири як мавзӯъ ва ё ҳолати иҷтимоиву маънавии инсонӣ ба халқи таъбирҳои мухталифи шоирона иқдом намудааст, ки ин амр низ ба ғанои шоиронаи забони баёни бедилӣ омил гардидааст. Фузун бар ин, бар пояи танаввӯи мавзӯъ, Бедил барои эҷоди навъҳои фалсафӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ, шарҳиҳолӣ ва амсоли ин муваффақ гардидааст, ки танзим ва таснифи мавзӯии Девони шоир худ як пажуҳиши мустақилро хостор аст.

**Боби чаҳоруми диссертатсия “Таассури поэтикии Бедил аз суханварони гузашта”** унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар ин боби диссертатсия саъй шудааст, ки идома ва такмили беҳтарин суннатҳои адабии пешиниён шурӯъ аз устод Рӯдакӣ то шоири ҳамасари Бедил – Толиби Омулӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шавад. Аз ин лиҳоз, фасли аввали ин боб **“Бедил ва устод Рӯдакӣ”** унвон дошта, дар он баҳсе роҷеъ ба таъсири ҷанбаҳои поэтикии сурудаҳои устоди шоирон ба ғазал ва рубоиёти Бедил сухан рафта. Ҳадафи аслии иншои ин фасл, пеш аз ҳама мурур ба таҷассуми бархе аз вижагиҳои ҳунарии шеър дар сурудаҳои устоди шоирон аст, ки минбаъд дар қаламрави шеъри форсӣ ба ҳукми махсусияти куллии як сабки адабӣ ё ҳадди ақал як нафар шоири соҳибмактаб бадал шудаанд. Дар ин замина, асли баррасиҳо бар асоси партави ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Рӯдакӣ дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ва аз ин роҳ тадовуми арзишҳои ҳунарии шеър дар фосилаи замонии миёни ин ду суханвар сурат гирифтааст.

Вуҷуди як санади муҳим дар тазкираҳо роҷеъ ба истиқболи Бедил аз як рубоии беназири Рӯдакӣ шаҳодат бар он аст,ки Абулмаонӣ ба шеъри Одамушшуаро таваҷҷӯҳи хос дорад. Шоир рубоие аз устод Рӯдакиро истиқбол намуда, ки аз лиҳози сабки иншо назир надорад ва он чунин сурат дорад:

Омад бари ман? Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар,

Тарсанда зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ? Падар.
Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар,
Лаб буд? На? Чӣ буд? Ақиқ.Чун буд? Чу шакар (31,66).

Бедил дар навбати аввал сабки нигориши онро дар рубое аз худ истиқбол намуда:

Дӣ хуфт. Кӣ? Ноқа. Дар куҷо хуфт? Ба гил.
Кардам. Чӣ? Фиғон. Аз чӣ? Зи ёди манзил.
Дод! Аз кӣ? Зи худ. Чаро? Зи саъйи ботил,
К-афтод. Чӣ? Бор. Аз кӣ? Сар. Бар кӣ? Ба дил (39,216)

Аммо ба ҷуз рубоии мазкур дар девони Бедил рубоие низ мавҷуд мебошад, ки бо ҳамин шева ва қофияву радифи он ба қалам омадааст:

Нолид. Кӣ? Булбул. Ба куҷо? Дар гулшан.
Кай? Вақти саҳар.
Аз дасти кӣ? Аз шурӯ шари зоғу заған.
Хун кард ҷигар.
То во шавад роҳи чӣ? Амн. Аз кӣ? Зи ман.
Гуфтам: Чӣ? Сафар.
Гуфт: Оҳ, куҷо? Масӯз дурам зи ватан.
Гуфтам: Таҳи пар (12, 788)

Аз нукоти дигари муҳими марбут ба пайванди ҳунарии шеъри Бедил ва устод Рӯдакӣ нусрат ва нуфузи вижагиҳои бадеии каломи одамушшуароест, ки минбаъд дар сурудаҳои Абулмаонӣ ва дигар шоирони сабки ҳиндӣ ҳукми махусияти аслӣ ё мумтозро касб кардаанд. Мурур ба шеъри Одамушшуаро намунаи аввалини тамсилро дар каломи ӯ муҷассам мегардонад, ки баъдан дар сабки ҳиндӣ нуфузи фаровоне касб намуд. Ин хулосаро метавон бар асоси ин ду байти ғазали маъруфи Рӯдакӣ собит намуд:

Чаро ҷӯӣ вафо аз бевафое,
Чӣ кубӣ беҳуда сард оҳанеро.
Дилам чун арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сой зери кӯҳе арзанеро?! (31, 25,)

Дар рисола ба нукоти фаровоне дар заминаи пайвандҳои фикриву ҳунарии шеъри Абулмаонӣ ва устод Рӯдакӣ ва дар ин замина, таҳаввулоти арзишҳои ҳунарии шеъри форсӣ аз «падари шеъри форсӣ» то «падари маъниҳо» баҳсҳои зиёде рафтааст, ҳарчанд аз назари сабку тафаккур ду шоир дар сатҳи олӣ аз ҳамдигар мутафовит ҳастанд.

Фасли дувуми ин боб **“Чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии «Шоҳнома» дар девони Бедил”** унвон дошта, дар заминаи таҳқиқи масъалаи мавриди назар муқаррар гардидааст. Бедили Деҳлавӣ низ дар шумули ҳамин суханварони қаламрави адабиёти форсӣ қарор дорад, ки «Шоҳнома»-ро сарчашма ва маншаи мӯътамад ва дасти аввали вуруд ба пешинаи фарҳангу адаби миллии тоисломӣ қарор дода, дар заминаи мурур ба он тавассути корбурди ин чеҳраҳои офаридаи Фирдавсӣ дар андешагоҳи хеш ба халқи маонии тоза даст меёбад. Ин равиши таваҷҷӯҳи Бедил ба қаҳрамонону

паҳлавонони «Шоҳнома» маҳдуд ба девони ғазалиёти ӯ нест, балки дар соири сурудаҳои вай ошкор аст. Дар рисола танҳо ба маънисозиҳои Бедил тавассути асомии ашхоси асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихии «Шоҳнома», аз ҷумла Ҷамшед, Бежан ва Манижа, Рустам, Сӯҳроб, Сикандар ва ишороту нукоти сарчашма дар ин ҳамосаи миллӣ дошта дар ғазалиёти вай мурур шудааст.

Тимсоли Ҷамшед ва Ҷоми Ҷаҳоннамои ӯ дар шумори асотире маҳсуб мешавад, ки бо сарчашмагирӣ аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, Бедил аз он дар коргоҳи маъниофариҳои хеш истифода намуда. Таҳаввули маънавии Ҷоми Ҷаҳоннамо дар шеъри Бедил бар мабнои мазмунофариҳои тозаи ин шоир пайваста ошкор аст. Ҳатто гоҳе шаклу муодилҳои ҷадиду худии онро аз зовияи нигоҳи шоиронааш ҳам берун кашидааст, ки мурур ба ҷойгоҳи ин таркиби мафҳумӣ воқеияти ин назарҳоро бештар ба субут мерасонад.

Бедил ҷое мефармояд:

Пас аз мутолааи нақши по яқинам шуд,
Ки ҳарзатозаму Ҷоми Ҷаҳоннамо инҷост (9, 397).

Бедил бо эҳтимом дар таҳаввулоти маънавӣ нақши поро рамзи ҳақиқати зиндагии инсон мешуморад, ки оинаи ростини ҳастии одамӣ ва мавҷуди куллияи аркони олам аст. Бад-ин васила зимни таҷаддуди маънӣ дар шеъри Бедил Ҷоми Ҷаҳоннамо намоди нақши пои инсон ба шумор меравад, ки дар кӯтоҳтарин фурсат завол ёбад ва ин кӯтоҳии он тасвири камфурсатии рӯзгори одамиро чун ҷоми ҷаҳонбин бароямон мутаҷаллӣ месозад.

Баррасии чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии "Шоҳнома" дар девони Бедили Деҳлавӣ, инчунин таҷаллои аносир ва достону ишороти маншаъ дар ҳамосаи миллӣ дошта паём аз он мерасонад, ки Абулмаонӣ чун дигар шуарои форсӣ дар шинохту маърифати ағлаб устура ва қиссаву достонҳои қадимаи эронӣ тариқи ошноии «Шоҳнома» роҳ мекушояд. Бештари сурудаҳои вай, ки фаязоне аз ишороту достонҳои паҳлавонон ва симоҳои асотирии бостон доранд, ки маҳз аз афкору офаридаҳои Фирдавсӣ маншаъ гирифтаанд. Бедили Деҳлавӣ танҳо бо бозгӯии нукот ва ишороти достонии «Шоҳнома» иктифо наварзида, балки дар заминаи матолиби достонҳои ҳамосаи миллӣ ба офариниш мазомин ва маонии тоза муваффақ гардидааст.

Фасли савуми ин боб **"Бедил ва Мавлонои Балхӣ"** унвон дошта, дар доираи матолиби меҳварии он таъсири афкори Мавлоно дар маъниофариҳои Абулмаонӣ ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст.

Ба дунболи Мавлоно Бедил ҳам шоирест, ки равишҳои маърифати ваҳдонияти мазҳабиву забонӣ ва расидан ба сарҳади ба таъбири худи вай «на Шарқӣ, на Ғарбӣ, инсонӣ»-ро истиқбол мекунад, ки аз бисёр ҷиҳат ин ҷусторҳову афкор бо ҳам қаробат доранд. Иродати Бедил ба Мавлоно ва истиқболи назару андешаҳои вайро қабл аз ҳама тазкиранигорон ва бархе аз муҳаққиқон таъкид намудаанд (3٨, 133).

Мавлоно дар "Маснавӣ" ба каррот аз иттиҳоди қавмиву динӣ сухан ба забон мекушояд ва санади қотеъ бар ин амр вуҷуди ҳикояти «Мунозиати чаҳор кас ҷиҳати ангур, ки ҳар яке ба номи дигар фаҳм карда буд онро» аст.

Зуҳури мактаби Сулҳи кулл дар сарзамини Ҳинд ва таблиғи ваҳдати мазҳабҳо, ки Бедил аз мубаллиғони ин тариқат маҳсуб мешавад, бешак, пайванд ба ин таълимоти Мавлоно дорад. Бедил дар идомаи ин ҳикояти Мавлоно ва афкори ваҳдонияти мазҳабӣ абёте рӯшан суруда ва файзи таъсири Румӣ дар онҳо эҳсос мешавад:

Аз маънии дуои буту барҳаман мапурс,
Ин ром- ром нест, ҳамон Аллаҳ - Аллаҳ аст (9,357).

Бардошт аз маъниву шеваҳои дигари тасвирсозӣ ва ибораороии Мавлоно дар девони Бедил ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Мавлоно инсонро дар зоҳир гоҳо ба шайтон монанд мекунад ва таъкид дорад, ки гоҳо иблис ба сурати одамӣ медарояд. Аз ин рӯ, ба ҳар даст набояд даст дод:

Эй басо иблис, ки одамсурат аст,
Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

Ҳамин таркиби «ба ҳар даст даст надодан»-ро Бедил дар мавриди дигар барои таъкиди маънии бо ҳар кас нанишастан ва ҳамсуҳбат нашудан ба кор гирифтааст:

Пеши тавонгарманишон паҳлӯи лоғар макушо,
Даст ба ҳар даст мадеҳ, чашм ба ҳар дар макушо (9,49).

Мирзо Бедил баробар ба корбурди ин таркиб, муродифи шоиронаи дигареро ҳам канори он офаридааст, ки чашм ба ҳар дар макушодан мебошад.

Бедил на танҳо муриди маънавии Мавлоност, дар бозгӯии маъниҳои ирфониву фалсафӣ дар ғазал аст, балки аз муҳимтарин шеваҳои баён ва усули нигориши Пири Рум истиқбол карда. Дар таърихи адабиёти форсӣ ҳадди маъмулии ғазал 7-12 байт то 14 байт ва ағлаби шуаро аз ин сарҳад убур накардаанд. Танҳо Мавлоно буд, ки аввалин шуда ғазалҳое дар ҳадди гузаштан аз ин сарҳадоти муқарраркардаи шеъри форсӣ эҷод кард ва ин равиши ӯро Бедил баъд аз гузаштани чаҳор қарн идома дод.

Аз масоили дигар, ки миёни Бедил ва Мавлоно пайванд эҷод мекунад, соҳиби шахсияти ормонӣ будани ҳар ду маҳсуб мешавад. Мавлоно бо партави оташи андешасӯзи Шамс дар ниҳоди худ тарки қилу қол гирифт ва вориди дабистони ваҷду ҳол гардид. Нубуғи девони Шамси Табрезӣ бешак, ҳосили ҳамин ишқу иродат ба шумор меояд. Ин ихлосу садоқати Мавлоно ба Шамс то ҷоест, ки сар ба саҷдаи ӯ мегузорад ва вуҷуди муборакии он бузургворро мазҳари таҷаллии Худованд мешиносад.

Бедил бо бархурди шахсияте ирфонӣ ва марде ҳақшинос домани иродати ӯро медорад. Ҳарчанд Абулмаонӣ дар «Чаҳор унсур» аз ҳастии шахсиятҳои маънавие чун Шоҳ Камол, Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ, Шоҳ Якаи Озод ёд мекунад, ки аз ҳар якеи инҳо сабақи ирфон омӯхтааст, аммо мақоми Шоҳ Кобулӣ дигар аст. Шоҳ Кобулӣ барои Бедил Шамс баҳри Мавлоност. Ҳарчанд ҷое сареҳан, ба номи вай дар ғазалиёти худ ишорат накарда, аммо ишороти касире ба ин марди рӯҳонӣ дар девони шоир ҷой дорад.

Дар умум, Бедил дар идомаи роҳи Мавлоно дар таҷаддуди фикриву ҳунарӣ ва услубии шеъри форсӣ қадам бардошт ва ҳамчун фарзанди рашиди маънавии Мавлои Рум беҳтарин суннату падидаҳои афкор ва атвори ӯро

тадовум бахшид. Агар ҷойгоҳи андешаҳои ирфонии Мавлоно дар арсагоҳи афкори Бедил нақши мунир пайдо кардаанд, мавориди дигар Абулмаонӣ шеваҳои ғазалсаройӣ ва корбурди шигардҳои хоси шеъриро ҳам аз пири маънавии худ дар қаламрави шеъри ирфонӣ истиқбол мекунад. Ҳамоҳангӣ ва шабоҳати достонҳое аз зиндагиномаи ин ду суханвар низ аносир ва падидаҳое ҳамсонро дар шеъру андешаи онҳо эҷод кардаанд, ки ин амр ҳам аз пайванди муҳками фикриву маънавии эшон мужда мерасонад.

Фасли чорум ин боб **"Баррасии таъсири вижагиҳои ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ бар ашъори Бедили Деҳлавӣ"** ном дошта, дар он роҷеъ ба таъсири падидаҳои ҳунарии ашъори Толиби Омулӣ ба намояндаи маъруфи сабки ҳиндӣ Мирзо Бедили Деҳлавӣ ва истиқболи таҷаддудгароёнаи фаязони ҳунари шоирии Толиб аз ҷониби ин суханвари мумтоз ба меҳвари таҳқиқ кашида шудааст. Ҳузури Толиби Омулӣ ба қаламрави адабиёти форсӣ ба рӯзгоре иттифоқ афтода, ки сабки ҳиндӣ тамоюл ба авҷу шукӯҳ дошт.

Иродати Бедили Деҳлавӣ ба Толиби Омулӣ аз он ҷо равшан мешавад, ки дар муқаддимаи маснавии «Муҳити Аъзам»-и хеш Абулмаонӣ дар шумори суханварони номваре чун Ҳилолӣ, Зулолӣ, Солик, Соиб ва Шайдо исми Толиби Омулиро низ ба забон меоварад, ки ин нукта ба иштиҳори ин шоири соҳибназар ба рӯзгори хеш ва эътирофи ҷойгоҳи вай аз ҷониби Мирзо Бедил ишорат дорад (12, 229).

Вуҷуди ғазалиёти ҷудогонае дар пайравӣ аз Толиби Омулӣ дар девони Бедил ва истиқболи шеваҳои хоси баён, маънисозӣ, корбурди шигардҳои ҳунарӣ ишорат ба ихлосу иродати вай ба ин суханвари мумтоз мекунад. Ишорат ба чанд намуна аз ғазалҳои Мирзо Бедил дар пайравӣ аз авзони шеъри Толиби Омулӣ санаде барои ин андеша аст:

Толиб:

Ба имзо нуқта месанҷад намедонам забонашро,
Худоё файзи илҳоме, ки дарёбам баёнашро (22, 16).

Бедил:

Чи имкон аст фардо арзи шухӣ нотавонашро,
Магар ҳайрат шафеи ҷуръат андешад миёнашро (9,105).

Дар девони Толиби Омулӣ ғазале бо матлаъи зерин ҷой дорад, ки бо як навъ шевоӣ ва мусиқияти ҷолиб садо додааст:

Чи хуш болидаӣ, эй нахл, бар болиданат нозам,
Ба гул чидан саре дорӣ, сари гул чиданат нозам (22, 255).

Мирзо Бедил бо шинохти ҳамин ҷаззобияти оҳанги ин ғазал онро истиқбол карда, ки дар он таъсири оҳангу назокати ғазали Толиб маълум аст:

Зи ранги ноз чун гул базми ишратчиданат нозам,
Чу шамъ аз шӯхии барқи нигаҳ болиданат нозам (10, 384)

Ин ғазал ба радифе эҷод шудааст, ки дар баробари ҷаззобу равшан будан, дар шумули радоифи нодир дар адабиёти форсӣ қарор дорад. Аз назари дигар, Бедил бо файзгирӣ аз равиши эҷоди Толиб дар матлаи ғазал бо иваз кардани ҷой ҳамон калимотеро барои қофия баргузидааст, ки Толиб ҳам дар байти нахусти ғазалаш оварда.

Аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеъри сабки ҳиндӣ эҳтимоми шуаро дар корбурди қофия ва радоифи нодир ба шумор меояд. Ин махсусиятро дар сабкҳои қаблии адабӣ мо камтар ба мушоҳида мегирем. Ҳарчанд ки Мирзо Бедил миёни шуарои дигари сабки ҳиндӣ дар сомони радифҳои нодир нуфузи бештаре дорад, мурур ба ғазалиёти Толиби Омулӣ аз диди эҷоди радифҳои нодир бозгӯ аз он мешавад, ки дар ин росто ҳам ин суханвар дар шумори пешкисватон қарор дорад.

Боби панҷуми рисола **"Таъсири поэтикии Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд (аз нимаи дувуми асри нуздаҳ то асри имрӯз)** унвон дошта, маҷмуи масоили меҳварии ин боб дар се фасл ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар фасли аввал, **"Мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии фароруд**" роҷеъ ба сарчашмаҳои зуҳур ва таҳаввали сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии Фароруд,инчунин ҷойгоҳи мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри нуздаҳ баҳс ороста шудааст. Мактаби пайравони Бедил барои ба майдони адабиёти форсии тоҷикӣ арзи ҳастӣ намудани чеҳраҳои адабие чун Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Ҳайрати Бухорой ва дигарон омил шуд, ки дар натиҷа сабки бедилӣ дар баробари падидаҳои дигари сабки ҳиндӣ дар ин минтақа ривоҷ ёфт.

Ҳамзамон, ин мактаб дар ҳавзаи Фароруд ба зуҳури суннатҳои нав ва равишҳои тозаи маърифати ашъори шоир низ асос гузошт, ки он дар падид омадани ҷараёни шарҳнигорӣ ва тафсири ашъори Бедил ошкор мегардад. Баъдан, шарҳҳои хаттие низ ба қалам омаданд, ки он аз нигоштаҳои Аҳмади Донишу Зуфархон Ҷавҳарӣ ибтидо ёфта, то имрӯз ҷараён доранд. Мавҷудияти ду нусхаи хаттии шарҳҳои Бедил дар китобхонаҳои Ганҷбахши Покистон ва Қоҳираи Миср аз он паём мерасонанд, ки онҳо низ дар ҳамин давра ба қалам омадаанд.

Туғрал бо равише тоза аз Бедил истиқбол мекунад ва ба иллати иродати бузург ба шахсияти маънавии Мирзо Бедил ҳатто ғазале ба радифи Бедил ҳам навиштаву дар он арҷи рӯҳии ин устоди маънавии худро тавсиф кардааст. Дар истиқболияҳои худ Туғрал бештар дар мақтаи ғазалаш байти тазминшавандаи Бедилро меорад ва дар мисраи худ аз ин байт зиёдатар ба мақоми Бедил ва таъсири маънавии вай ишорат мекунад. Масалан, бо намунае аз ин гуна истиқболияҳои Туғрал таваҷҷӯҳ мекунем:

Эй, хуш он мисраъ, ки Туғрал месарояд Бедиле,
«То абад, ё Раб, асои нотавонон бинамат» (7, 159).

Истиқболи Туғрал аз Бедил ба унвони як тақлиди маҳз сурат надорад, балки бо идомаи шеваву равиши устоди худ ӯ иқдом ба тозакориҳо ва баёни дидгоҳҳои мустақилона карда, ки ин амр дар таҷассуми истиқлоли ҳунари шоирии ӯ нақш гузоштааст. Барои исботи ин назар, ба абёте аз ҳар ду шоир руҷӯъ мешавад. Бедил дар ифодаи матлаби он ки дар хоксориву фурӯтании инсон, ки гоҳе бо мақоми аҷз ҳам дар каломи ӯ тафсир мешавад, баландиву бузургие мавҷуд ҳаст, агар бар ин боваре надорӣ, ба садои об бинигар, ки ҳар қадар бештар ба поин меравад, садои он баландтар мегардад:

Ба пастӣ низ меърочест, гар озодаӣ Бедил,
Забони об шав, сози тараққӣ кун таназзулро (9,27).

Туғрал ҳам айни ин маъниро ба гунаи дигар пайгирӣ мекунад, яъне ба таъкиди вай камолоти инсон ҳар қадар афзун аст, аммо бахт барояш камтар насиб мекунад. Барои исботи назари хеш Бедил агар ба ҳолати об масал мезанад, Туғрал беди Маҷнунро мисол меорад ва асосан, бар пояи ин баёноти хеш назари Абулмаониро ҷиҳати исботи андешаи хеш таъкид месозад:

Камолат ҳар қадар гар беш бошад, бахт кам бошад,
Бувад қадри таназзул аз тараққӣ беди Маҷнунро (7,56).

Аз шоирони дигари муваффақ дар мактаби пайравони Бедил Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ аст, ки аз ӯ девони бузурги ғазалиёт боқӣ монда. Ҷавҳарӣ бо шеваи Туғрал истиқболи Бедил намекунад, балки ӯ бештар дар ҷавоби ғазалҳои Абулмаонӣ ғазалҳое мустақил навишта ва аз вазну сабку шеваи баён истиқбол кардааст. Чанд намуна аз истиқболияҳои Ҷавҳарии Истаравшанӣ:

Бедил:

Чун нигоҳ азбас ба завқи ҷилва ҳамдӯшем мо,
Як мижа то во шавад сад дашт оғӯшем мо (9, 105)

Ҷавҳарӣ:

Хоназоди ақлу фаҳму чокари ҳушем мо,
Аҳли донишро ғуломи ҳалқабаргӯшем мо (44,53)

Дар канори Туғрал ва Ҷавҳарӣ шоирони дигаре чун Амир Умархон волии Қӯқанд, Султонхон Адои Самарқандӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ, Гулшании Бухорой, Файёзи Хуҷандӣ, Афзали Бухорой, Мулло Шермуҳаммад Акмали Хӯқандӣ, Ҳайрати Бухорой, Қорӣ Масеҳо Тамҳиди Самарқандӣ, Сипандии Самарқандӣ, Шамсиддин Шоҳин, Осафӣ, Лутфӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки меҳвари асосии ашъори ин шоиронро пайравӣ аз сабку салиқаи Бедил ва нусратбахшии мактаби пайравони ин шоири бузург ба вуҷуд овардааст, ки мабоҳисе ҷудогона роҷеъ ба шеваи истиқболи ин шуаро дар диссертатсия рафтааст.

Фасли дувуми ин боб **“Таъсири Бедил ба шоирони давраи бозгашти адабӣ (дар мисоли ашъори яке аз пешгомони он –Сабоҳии Бедгулӣ)** дар он роҷеъ ба таъсири сурудаҳои Бедил ба шоирони сабки давраи бозгашти адабӣ дар мисоли яке аз пешгомони он мулоҳизаронӣ шудааст.

Сабоҳӣ чун намояндаи номвари сабки давраи бозгашти адабӣ аслан, дар истиқболи Ҳофизи Шерозӣ қадам мегузорад ва мурури ӯ ба радоифи соддаву равон ва қолибҳои шеърии сабки ироқӣ, чи дар ғазал ва чи дар суроиши маснавиву марсия, қасоиду моддаҳои таърих ошкор аст. Ин дар ҳолест, ки яке аз муҳимтарин шохисаҳои адабии сабки ҳиндӣ ва ба вижа Бедили Деҳлавӣ корбурди радоифи нодир аст, ки назири онҳо дар шеъри форсии моқабли Бедил ба нудрат тазоҳур кардаанд. Аммо Сабоҳӣ чун намояндаи барҷастаи сабки давраи бозгашти адабӣ нахустин ғазали девони худро бо шева, вазн ва қофияву радифи ғазали аввалини девони Бедили Деҳлавӣ сурудааст:

Бедили Деҳлавӣ:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо (9, 43).

Сабоҳӣ:

Сари кӯе, ки ҳар дам ҷон диҳад сад бегуноҳ он ҷо,

Фиғон к-аз бепаноҳӣ боядам бурдан паноҳ он ҷо (8,60)

Баҳси аввалияи меҳварии фасли мазкури рисола таҳлили қиёсӣ ва татбиқии ғазали Сабоҳӣ ва Бедил ҳам аз назари фикрӣ ва ҳам поэтикӣ маҳсуб мешавад. Аз абёти аввали ҳар ду ғазал ҳувайдост, ки бо он ҳар ду мутобиқати тамоми вазну оҳанг, қофияву радиф доранд ва ин амр андешаи истиқболи Сабоҳиро аз Бедил пешорӯи мо мегузорад, аммо фарқи куллӣ дар сабку матолиби меҳварии ғазалҳо мушоҳида мешавад. Баҳси Бедил ирфон аст ва шеваи расидан ба асолат ва ин аст, ки радифи “он ҷо” дар ғазали Бедил ба ҷаҳони моваро ва олами қудсӣ ишорат мекунад.

Аммо радифи «он ҷо» дар ғазали Сабоҳӣ  маскани ишқ ва макони дидори маъшуқ аст, ки он ҷо сад бегуноҳ дар ин раҳ ҷон медиҳад.Агарчӣ дар назари аввал «он ҷо»-и Сабоҳӣ таъкид сари кӯи ёр мекунад, ин ҷо навъе пайванд бо байти дувуми ғазали Бедил эҷод мешавад, аммо бо шеваи дигар. Зеро Абулмаонӣ дар мисраи аввали  байти дувуми ғазали  хеш ибораи «Адабгоҳи муҳаббат»-ро ба кор мегирад, ки ба сари кӯи маъшуқи Сабоҳӣ пайванд доранд:

Бедил:

Адабгоҳи муҳаббат нози шӯхӣ барнамедорад,

Чу шабнам сар ба мухри ашк меболад нигоҳ он ҷо (9,43).

Аз диди сохторшиносӣ агарчи тафовуте миёни ин ду ғазал мавҷуд аст ва сурудаи Бедили Деҳлавӣ дар  10 байт ва Сабоҳӣ ҳамагӣ дар 5 байт ҷамъбаст шуда, вале иртиботе фикрӣ, гоҳе сабкӣ ва мӯҳтавоӣ дар ҳар ду ғазал ошкор аст ва новобаста аз тазоди фикрӣ дар шеваи баёни ин шоирон рабте маънавӣ таҷассуми мубарҳан дорад. Татбиқи дарунмоявӣ ва сабкии сурудаи Бедил дар ғазали кӯтоҳи Сабоҳӣ бо тарзи нав баёнгари он аст, ки новобаста аз руҷӯи шоирони сабки нав онҳо натавонистаанд, ки комилан аз таъсири сабки пешин ва ё таассур аз Бедили Деҳлавӣ раҳоӣ ёбанд.

Маҷмӯан, дар  девони Сабоҳӣ, ба хусус дар ғазалиёти ӯ новобаста аз он ки сурудаҳои вай бештар бо сабки қудамо ба қалам омада, андешаҳои хонандаро бо сӯи равиши Саъдиву Ҳофиз мекашонанд, аммо аносире ҳам ҷой доранд, ки ҳанӯз бо ин ҳама ирҷооти густардаи шоирони давраи бозгашти адабӣ ба мавҷудият ва ҳифозати вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва таъсири Бедил бар ин суханварон ишорат мекунанд.

Дар хулосаи рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ба гунаи зайл ҷамъбаст шудаанд:

1. Таваҷҷӯҳ бар вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва ибтикороти  ӯ дар адабиёти тоҷик дар назари аввал ин матлабро сареҳ мегардонад, ки ин суханвари маънишикор дар амри ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз зумраи

таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди муҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маъноӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мӯшикофона ва нигоҳи мушоҳидакори ӯ ишорат мекунад.

2. Баҳсу баррасиҳои марбут ба дидгоҳҳои Абулмаонӣ роҷеъ ба аслу бунмояи шеъру шоирӣ, авомили шоиронагӣ ва назарияи шеър равшан муҷассам мешавад, ки воқеан, ин суханвари мутафаккир нигоҳе махсус ба шеър ва лузуми он дорад. Ҳарчанд накду назарҳои зидду нақиз дар мавриди сурудаҳои вай баён шудаву ибҳомотро аз ҷумлаи навоқиси шеъраш унвон кардаанд, аммо  Бедил бо ҳамон назари  вежае, ки ба шеъру шоирӣ ва тафаккури шоирона дорад, ҳанӯз ба рӯзгори айёми хеш бо эҳсоси ҳамин равиши истиқболи тарзи суханаш аз сӯи ҳамзамонон ва пасовандонаш посух гуфтаву ҳамзамон соҳиби дидгоҳи хоса ва ба қавли хеш “забони хосаи бедилӣ” буданашро собит намудаву аз тарзи тозааш дифоъ карда. Ин дидгоҳҳои собит бар назарҳои хосаи  шеършинохтии Бедил ба ҳақиқат ин нуктаро мусаллам месозанд, ки дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хоси баёни омил бар зуҳури мактаби бедилӣ дар густураи сабки ҳиндӣ ва маҷмӯан, адаби форсӣ Абулмаонӣ бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутаффакир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо аз рӯзгори хеш то садсолаҳои дигар бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ  муқаррар сохтааст.

3. Мусаллам аст, ки зери мафҳуми поэтика дар адабиётшиносии мо бештар баҳсу баррасии масоили сохторшиносии шеър, аз ҷумла вазну қофия, радиф, матлаъ ва мақтаъ, инчунин воситаҳои тасвири бадеӣ ва шеваҳои ҳунармандони корбурди саноеи маънавӣ ва лафзӣ, сабки суханварӣ ва шеваи нигориши шоирона ва амсоли маърифат шуда,  вежагиҳои ҳунарӣ ё поэтикии ин ё он суханвар аз ҳамин зовия ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Тааммул дар вусъати ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Бедил, ки бар асари нуфузи аносири он аз ҳар роҳу шеваи марсум ва тоза дар таркиби сурудаҳои вай, аз ҷумла ғазал, боис бар таҷаддуд дар қаламрави шеър гардидаанд, ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки яке омилҳои муассир дар таҳаввулоти ҳунарии шеъри ӯ татбиқи муҳимтарин меъёр, вежагӣ ва суннатҳои поэтикаи шеъри қадимаи ҳинд, ҳатто санкрит дар қаламрави шеъри тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Бедил бо он огоҳии комил, ки аз забонҳои куҳани ҳиндӣ аз ҷумла санскрит дошт ва ҳатто достони “Маҳабҳарата”-ро комилан аз бар медонист, ҳамчун як суханвари тозакор тавонист дар таҳаввули ҳунарӣ ва таҷаддуди қолиб ва дарунмояи ғазали тоҷикӣ аз ин аносири шеъри куҳани ҳиндӣ ҳунарварона ба кор бигирад. Ҳатто яке аз сарчашмаи печидагӣ ва  ибҳомофаринӣ ба шеъри Бедилро  низ метавон аз аносири балоғати куҳани ҳиндӣ ҷустуҷӯ намуд.

4. Ҳанӯз аз дидгоҳҳои  нахустини донишварони балоғӣ дар забони санскрит равшан мешавад, ки онҳо кӯшидаанд, вежагиҳои осори бадеиро дар асоси хусусиятҳои забонии онҳо муқаррар созанд. Ба ибораи дигар, мафҳуми поэтикаи забон сарчашма дар назариёти қадимаи ҳиндӣ дорад. Маҷмӯи

таҷаддуд ва таҳавулоти Абулмаонӣ ва ҳатто ба таъбири бархе аз муаллифони тазкираҳо ва муҳаққиқон ихтирот ва ҳатто "ибҳомоташ" низ дар забон ва шеваи баён иттифоқ афтодааст, ки ин матлаб худ иртиботеро миёни аносири поэтикаи куҳани ҳиндӣ ва сабки сухани Бедил барқарор медорад. Мафоҳими "забони шоирона" ва "поэтикаи забони шеър" дар асоси татбиқи ҳамин дидгоҳҳо ва меъёрҳои шеършиносии куҳани ҳиндӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки таъсири он ба вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин ба таври барҷаста равшан аст. Зеро решаи аслии зуҳури мафҳуми "поэтикаи забон" ба назариёти поэтикаи қадимаи ҳиндӣ пайванд мегирад. Заминаҳои таърихии зуҳури он ва татбиқ дар адабиёти форсизабони Ҳинд, ки ин дидгоҳро ҳанӯз дар замони хеш Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ низ манзур намуда буд, ба мо имконият медиҳад, ки дар шинохти арзишҳои ҳунарии шеъри Бедил унсурҳои поэтикаи ҳиндиро низ ба назари эътибор бигирем.

5. Мурур ба девони Абдулқодири Бедил ишорат бар он дорад, ки ин суханвари мумтоз дар ғазалиёти хеш ба такрори вожагон дар мақоми қофия дар зиёда аз ду то чанд маврид иқдом менамояд. Дар назариёи шеършиносии гузаштагони мо аслан, дар ду маврид ва беш аз он такрор омадани вожаи муқаффо, аз ҷумлаи айбҳои шеърӣ ё заъфи шоирӣ дониста мешуд. Аз ин рӯ, чунин такрор дар шеъри то замони Бедил кам андар кам ба чашм мерасад. Вале шоир дар ин арса низ тозакорие аз худ ба намоиш гузошта, дар ин замина ибтикоре анҷом дод. Дар каломи Бедил такрори вожагони муқаффо дар як ғазал зиёд ба чашм мерасанд, аммо ин калима дар таркиби таъбирҳои сохтаи шоир маънии нав касб мекунад.

6. Дар канори ин, Бедил дар радифофаринӣ ва корбурди вожагони нодир дар мақоми радиф низ маҳорати тамоме аз худ зоҳир намуда. Интихоби вожагон ва таркибҳои мухталиф, ки дар адабиёти гузаштаи мо истифодаи онҳо ба унвони радиф анқариб ба мушоҳида намерасад, дар баробари бозгӯии нодиракории Бедил дар радифофаринӣ бар он таъкид меварзад, ки ин гурӯҳи калимот ва таркибҳо дар тақвияти оҳангнокӣ, рангорангӣ, мусиқияти каломи шоир нақши муассир гузоштааст. Баробари ин ибтикори Бедил дар офариниши маъниҳои тоза дар заминаи такрори ин вожагони мураддаф ҳунари шоирии ӯро дар мазмунофарӣ ва халқи маъниҳои тоза барои дар заминаи ҳар яке аз ин вожагону таобир бозгӯӣ мекунад. Имкон дорад, ки таҳия ва тадвини фарҳанги таъбир ва таркибҳои девони Бедил барои дақиқ намудани мазмунҳои нави вожагони мазкур, ки сарчашма дар коргоҳи хаёл ва тафаккури шоир доранд, нақши муассир гузорад.

7. Баҳсу баррасии авзони шеъри Бедил ва таҷрибаҳои ҳунарии ӯ дар заминаи корбурди онҳо, ки ба таҳаввулоти шоёне мувоҷеҳ шудааст, бозгӯӣ он аст, ки Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф ва шояд бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариниҳои хоса гардидааст. Ин таҷоруб таъкид мекунанд, ки Мирзо Бедил камтарин имконоти қолиб ва шаклҳои роиҷи шеъри суннатиро дар халқи

маонии ноб ва офариниши мазмунҳои шоирона мавриди истифода қарор дода, ҳамчун шоири мубтакир ва соҳиби забони хосаи шеърии худ маъруфияти тамом дарёфтааст, ки дар баробари бовар ва эътиқоди худ ба ин ҷойгоҳ дар тазкираҳову сарчашмаҳои адабӣ ин мақоми шомихи шоир дар сатҳи зарурӣ эътироф шудааст.

8. Шеваҳои шоиронаи корбурди вожагони хос ва мазмунсозиву таркибофарӣ перомуни онҳо дар мисоли вожаи нафас паём аз он мерасонанд, ки дар шеъри Бедил ин вожа, қабл аз ҳама бо маонии мухталифе корбурд шудааст, ки шоирони пешин камтар ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Гуногунии маъноии ин калима дар ашъори Бедил онро ба сурати яке аз вожагони пурбасомади девони шоир ва дигар сурудаҳои вай мубаддал гардонида, ҳамзамон дар зуҳури маонии тозае боис омадааст, ки дар коргоҳи хаёл ва андешаи ин шоири бузург ҳосил шудааст. Тақвияти такмили маъноии ин вожа тариқи сохтмони таркиб ва ибораҳои тозаи шоирона, ки ба ҳунари таъбирофаринии Бедил далолат доранд, иттифоқ афтодааст. Мирзо Бедил бо истифода аз он ибораҳои фаровонеро сурат бастааст, ки ағлаби он махсус ва офаридаи коргоҳи хаёли шоир буда, ҳатто маъниҳои заминӣ ва ирфонии онон ҳосили андешида ва эҷоди худи шоир мебошанд. Ҳарчанд вожаи нафас бо таҳаввули маъноӣ дар шеъри Бедил навъе мазмуни фалсафӣ низ касб намуда, ҳамзамон баёнгари яке аз рукнҳои барҷастаи тафаккури ирфонии шоир мегардад, аммо диди шоирона ва назокати ҳунари халлоқии ӯ боис омадааст, ки ин маъниҳои орифонаву фалсафии як вожаи нафас дар вусъати садҳо таркибҳои тозаи шоирона таҷассум пайдо намоянд.

9. Усулҳои хоси маъниофаринӣ, таркибсозӣ ва сохтмони калимоти мураккабро метавон дар мисоли вожагони оина, ҳайрат, мавҷ, ранг, ваҳдат, касрат, факру фано, таҳайюр, итлоқ ва амсоли ин низ ба риштаи таҳқиқ кашид, ки дар умум ҳунари шоирии суханварро дар равишҳои шоиронаи корбурди ин вожагон бозтоб бахшида, ғанои маъноӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии каломи ӯро муҷассам намудаанд.

10. Корбурди киноя дар сурудаҳои Абулмаонӣ баробари басомади фаровон пайдо намудан, дар таҳаввули маъниофарӣ, нуфузи ибороти тозаи маҳсули андеша ва тафаккури шоир таъсири равшан гузоштааст. Авлавияти истифодаи ин санъат, ки ба ҳунари шоирӣ муттакӣ аст, зуҳури таркибҳои тозаеро ҳам таъмин намуда, ки камтар дар паҳнои адабӣ форсӣ ба ҳамон маонии мавриди назари Бедил ба кор рафтаанд.

11. Муаммо низ дар каломи Абулмаонӣ аз ҷойгоҳи хосае бархурдор аст ва ҳатто бархе соҳибназарон муътақид ҳастанд, ки худи шеъри шоир бар асари нуфузи ҳамон вежагии печидагуӣ муаммогуна аст. Таваҷҷӯҳи хосаи Бедил ба муаммо ҳатто омил бар нуфузи худи вожаи муаммо дар коргоҳи хаёли шоир низ гардида, ки дар баробари нақши муассири он ба эҷоди санъати муаммо, ба ҷойгоҳаш дар маъниофаринӣ ва мазмунсозии шоиронаи Бедил ишорат мекунад. Нуфузи муаммо дар каломи Бедил ба ҳадде такмил пазируфта, ки баробари зуҳури дигар анвоъи ғазал аз диди ҳунарӣ, чун ғазали тасвирӣ ин суханвари мумтоз ба сурудани як ғазали комилан муаммо, ки аз ҳар мисраи он

метавон як муамморо кушод, муваффақ шудааст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик назире надорад.

12. Мирзо Бедил дар шеваи сохтмони вожаҳои мураккаб ва таъбиру таркибҳои шоирона дар қаламрави адабиёти гузаштаи мо ба таври воқеӣ таҳаввулоти ҳунарие анҷом дода, аз ин роҳ дар ғанои таркиби луғавии забони тоҷикӣ асаре барҷаста гузоштааст. Ибороти офаридаи Бедил ба ӯ имкон додаанд, ки нахуст дар гурез аз такрори вожаву таркибҳо барои ифодаи матолиби мухталиф иқдом намояд ва бо истифода аз хазинаи пурбори луғоти тафаккури хеш таркибҳои нобу тозаеро халқ намояд, ки ҳамагӣ ҷиҳати касби маъниҳои нави вожагон дар таркиби чунин таобир муассир афтодаанд.

13. Мутолиаи девони Бедил мусаллам мегардонад, ки шоир дар коргоҳи хаёлоти хеш, бо мурур бар фарҳанги мардум нодиртарин вожаву таобир, унсурҳои барҷастаи ҳунарӣ, номи ашёву василаҳоро, ки ҷои бархе аз онҳоро муродифоти арабӣ гирифтаанд, ба ҷаҳони андешаву афкори хеш ворид намуда, барои офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза ва ҳифозати ин таркибу иборот ва калимаҳо иқдом намудааст. Ҳунари шоирии Бедил дар корбурди баҷо ва бамавриди маҷмӯи ин аносири фарҳанги мардумӣ ба ҷилва меояд, ки чунин истифодаи бамавқеъ дар ғанои маънавӣ сухани шоирро муассир гардонидааст. Баробари ин, аксари ин вожаву таъбирҳо имрӯз дар шохаҳои мухталифи забони форсӣ асли маъноии хешро аз даст додаву ҷойи онҳоро дигар муродифот соҳиб шудаанд, вале ҳифзи ин ганҷинаҳои нодири забонӣ ҳам дар таркиби ашъори Бедил ва ҳам гуфтори мардумӣ омил гардидааст, ки асли маъноии онҳо тавассути мазмунсозӣ ва маъниофариҳои шоиронаи ин суханвари маънишикор пойдор ва барқарор бимонад.

14. Шарҳу тафсирҳои шоиронаи мавҷуд дар девони Бедил бозгӯи он аст, ки ӯ бар пояи нигоҳи хосаи хеш ба мафоҳим, ҳаводис, ашё, ҳолот, авотифи равонӣ ва амсоли ин мушоҳидаву шинохт ва бардоштҳои махсуси худро нисбат ба онҳо баён намудааст. Равишҳои мухталифи тафсири ин вожагону таъбирҳо ва истилоҳоту мафоҳим ба шоир даст додаанд, ки воқеан, ба ифодаи худи вай "забони бедилӣ"- ро эҷод намояд, ки дар он маҷмӯи ин калимаву ибора ва таркибҳо дорои маъниҳои хоси шоиронаи мутааллиқ ба андешаву хаёл ва афкори Бедил мебошанд. Нуфузи чунин тафсирҳои шоирона ба мо имкон медиҳад, ки дар замина аз матни девон ва дигар осори Бедил берун баровардани онҳо як фарҳангномаи хосаи шоиронаи шоирро бар асоси шарҳу тафсирҳои худи ӯ тадвин намоем.

15. Агарчи дар адабиёти гузаштаи мо бештар бозтоби тасвирҳои шоирона, хоса таҷассуми тасвири табиат дар қолиби абёти ҷудогона ба ҷилва омадаанд, дар таркиби сурудаҳои Бедил, он то ба пояи як ғазали комил мерасад, ки онро аз дидгоҳи ҳунарӣ мо шартан, ғазали тасвирӣ унвон намудем. Ташреҳи куллии яке аз чунин ғазалҳо дар эҷодиёти Бедил ҳунари шоирии Бедилро дар офаридан ва корбурди тасовири шоирона нишон медиҳад, ки бештар аз воқеиятҳои зиндагӣ истифода намуда, бо пайванд бахшидани аносири воқеӣ ва мафоҳими равониву авотифи рӯҳӣ тасвирҳои тозае офарида, дар ҳузури ҳаводису воқеа, ва замону макон мушоҳидаву бардоштҳои

шоиронаи хешро ироа кардааст. Дар миёни сурудаҳои шоир теъдоди муайяни чунин ғазалҳоро метавон ба мушоҳида гирифт, ки комилан ба тасвири манозири табиат ва ҳолу ҳавои фазои мухталифи зиндагӣ бахшида шуда, аз он паём мерасонанд, ки Бедил ба офариниши навъи ҳунарии ғазали тасвирӣ низ муваффақ шудааст.

16. Дар каломи Бедил вуҷуди тасвирҳои пародоксӣ дар таркиби таъбирҳои ҷолиби шоирона барои танаввӯи шеваи баён, эҷоди мазмунҳои тоза ва тасвиру ибораҳои ноби шоирона, ки хоси сабки сухани шоир ва забони баёни ӯ ҳастанд, нақши муассир гузоштаанд. Ҳарчанд ин навъ тасовир дар каломи шоирони пешин низ ба нудрат ба чашм мерасанд ва ҳатто дар шеъри суханварони сабки ҳиндӣ тадриҷан нуфузи онҳо афзуда, аммо дар ашъори Бедил, хоса ғазалиёти ӯ ҷилваи нақши ин навъ тасвирҳои шоирона ба як вежагии муҳими ҳунарӣ бадал гардидаанд. Бар асоси вуҷуди парадокс, ҳамчун санъати бадеӣ дар осори назарии адабиётшиносии ҳиндӣ ва кашфи он аз сӯи Озоди Балгиромӣ метавон бар ин хулоса расид, авлавияти чунин тасовир ва ҷойгоҳи он чун шигарди ҳунарӣ дар шеъри шоир боз ҳам бар нуфузи таъсири поэтикаи қадима ва асримиёнагии ҳиндӣ рабт мегирад. Худи Балгиромӣ низ танҳо тавассути мутолиаи татбиқии балоғати ҳиндиву арабиву форсӣ ва мурур дар каломи шоирони сабки ҳиндӣ аз ин зовия муваффақ гардид, ки онро ҳамчун санъати бадеии "вифоқ" кашф намояд.

17. Шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои мавзӯии ашъори Бедил, тасниф ва табақабандии мавзуии сурудаҳои ӯ, ки ба танаввӯи ғазал аз диди мавзӯӣ низ омил мегарданд, тавассути офариниши таркибҳои шоирона, баёни ҳунарваронаи масоили мухталиф бозгӯи он ҳастанд, ки Бедил дар заминаи тафсири мавзӯоти гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ба тарҳи мазмунҳои шоирона ва таъбиру таркибҳои нодир низ муваффақ гардидааст. Ин шеваи кори ӯ имкон фароҳам овардааст, ки ба зуҳури анвои хосаи ғазал чун фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ дар баробари тасвирӣ аз диди ҳунарӣ низ иқдом намуда, талош намояд, ки муҳимтарин мавзӯоти роиҷ дар адабиётро дар қолиби жанри ғазал шарҳу тафсир намояд. Шеваи шоиронаи баёни маҷмӯи ин мавзӯот дар тарҳи нодиртарин тасвирҳои шоирона, таркибу таъбирҳо, истиорот, мафоҳим ва ҳатто корбурди шоиронаи мафоҳими ирфониву фалсафӣ, истилоҳоти хоси фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ, офариниши мазмун ва маъниҳои тоза роҳ кушоданд, ки ин усул низ ба нуфузи корномаҳои хосаи Бедил дар маънисозӣ ва офариниши мазмунҳои нодир таъсиргузор омадааст.

18. Таҳқиқу баррасии масъалаи таассури Бедил аз суханварони пешин муқаррар месозад, ки Абулмаонӣ дар ҳақиқат, аз мактаби шоирони қадим ва ҳатто аз ҳамасарони хеш сабақҳои фаровоне андӯхтааст. Бар ин нукта борҳо дар сурудаҳои хеш низ таъкид варзида ва ҳам дар таркиби дигар аз осори хеш низ ба ин мавзӯъ руҷӯъ намудааст. Дар заминаи пажӯҳиши ин мавзӯъ мусаллам мегардад, ки Бедил дар баробари идомаи суннатҳои хосаи шеъри гузаштагон бар онҳо таҷаддуд ва такомуле бахшида, ки маҳз ҳамин талошҳои ӯ омил ба зуҳури ибтикорот ва тозагиҳое дар шеваи суханварии вай гардидаанд.

19. Мактаби ҳунарии Бедил дар қаламрави адабиёти тоҷик пас аз ӯ низ ба

эҷоди мактаби пайравони Бедил дар заминаи таъсири ҷанбаҳои бузурги поэтикии шеъри вай бар пасовандонаш омил гардид. Шоирони фаровоне дар сарзаминҳои Шибҳи Қораи Ҳинд, Фароруду Хуросон, Эрону Афғонистон аз беҳтарин суннатҳои мактаби адабии Бедил истиқбол намуданд. Нуфуз ва манзалати ҳунари шоирии Бедил ва забони хосаи суханварии вай бар ҳадде асар гузошта ва ҳатто мегузорад, ки фосилаи таърихии ин таассур аз замони шоир оғоз ёфта то имрӯз идома дорад. Ҳатто бархе соҳибназарон бар ин ақида расидаанд,ки асри имрӯз барои аҳли адаб ҳамакнун замони шинохти Бедил дониста мешавад ва ҳамин маърифати фаротари шеър ва андешаҳои Абулмаонӣ омил омада, ки дар имрӯз дар накди адабии Эрону Афғонистон "бедилона сурудани ғазал" санҷа ва ё меъёри шоирӣ дар сурудани ин навъи шеъри суннатӣ эътироф гардидааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки мафҳуми бедилона сухан гуфтан дар адабиёти форсии Фароруд дар замони нуфузи мактаби пайравони шоир ҳанӯз дар қарни нуздаҳ аз ҷойгоҳи вежае бархурдор буд.

21. Ҷусторҳо дар заминаи зуҳури шеъри нав дар кишварҳои форсизабон муқаррар месозад, ки омилҳои аслии гароиш ба қолабҳои нав дар шеъри форсиро низ метавон дар нақш ва таъсири Бедил ҷустуҷӯ намуд, зеро маҳз асари ҳунарии шеъри ин суханвар муҷиб омад, ки бархе аз суханварон бо эҷоди ҷараёни бозгашти адабӣ муддате истиқбол аз сабки қудаморо идома диҳанд. Аммо бо ин ҳама дар қолиби шеъри нав низ муҳимтарин аносири ҳунарии шеъри Бедилро суханварони навгаро дар адабиёти муосири форсӣ идома бахшиданд, ки намунаи барҷастаи онро Ҳасани Ҳусайнӣ дар мисоли шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Баҳси ин мавзӯъ дар мисоли таводум ва таҷаддуди суннатҳои шеърии мактаби Бедил дар адабиёти муосири тоҷик дар мақолаҳои ҷудогонае аз муаллифи диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

## Адабиёти истифодашуда:


1. Абдулғанӣ. Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил (тарҷумаи Мирмуҳаммад Осафи Ансорӣ).–Кобул: Пуҳанҳии адабиёт ва улуми башарӣ, 1351.–466 с.

2. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷ.11. китоби якум. / Садриддин Айнӣ.– Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.– 507 с.

3. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил / Садриддин Айнӣ.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954.–340 с.

4. Амирқулов С. Айнӣ ва Бедил // Садои Шарқ,1968.№7. С. 142- 148.

5. Амирқулов С. Устод Айнӣ ва шинохти А. Дониш / С.Амирқулов // Садои Шарқ.- 2007.- №1.- С.131- 137

6. Анандавардхана. Дхванялока («Свет дхвани»).(Перевод с санскрита, введение и комментарий Ю.М. Алихоновой. -Москва: Наука, 1974. -305 с.

7. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Девон. Тасҳеҳ, тавзеҳот, пешгуфтор ва баргардонӣ ба хати форсӣ аз Нуралӣ Нурзод/ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.– Хуҷанд: Хурсон-медиа, 2015.-792 с. (бо ду хат сириллик ва форсӣ).

8. Бедгулӣ, Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳӣ. Девон. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Партави Байзоӣ /Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳии Бедгулӣ.–Теҳрон: Заввор, 1338.– 175 с.

9. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. Ҷ.1 Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз / Мирзо Абдулқодири Бедил.– Рутердом(Нидерландия): ISKAMP printing, 2018.–740 с.

10. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. – Ҷ.2. Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз / Мирзо Абдулқодири Бедил.– Рутердом(Нидерландия): ISKAMP printing, 2018.–740 с.

11. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз панҷ ҷилд. – Ҷ.4./ Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.

12. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Маснавиҳо. Ҷ.5.Бо саъюу кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 1993.–672 с.

**13.** Исмоилипур, Абулқосим. Сурудҳои рӯшаноӣ. Ҷусторе дар шеъри Эрони бостон ва сурудҳои монавӣ / Абулқосими Исмоилипур.– Теҳрон: Устура, 1386**.**

14. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳинди ва шеъри Бедил)/ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.–Теҳрон: Огоҳ, 1366.–338 с.

15. Козимӣ Муҳаммадкозим. Калиди дари боз. Теҳрон, интишороти Сураи меҳр, 1394.

16. Муаллим, Алӣ. Ҳайратдамидаам, гули доғам баҳонаест /Алии Муаллим //Маҷаллаи «Шеър».–1374.–№ 1-7.

17. Мударрисзода, Абуризо. Навовариҳои ҳунарӣ дар ошиқонаҳои Бедили Деҳлавӣ. / Маҷаллаи забон ва адабиёти форсӣ, соли 4, шумораи 10, баҳори 1387. -Саҳ. 30-59.

18. Мударрисзода, Абуризо. Сохтори радиф дар шеъри Бедили Деҳлавӣ/ Абуризо Мударрисзода. / Фаслномаи "Ҷусторҳои адабӣ. Соли савум, шумораи 1, пай дар пай, 9, зимистони 1389. -Саҳ. 165-187.

19. Муҷаддадӣ, Ғуломҳасан. Муштамил бар адвори ҳаёт, мушаххасоти афкор, хусусиёти ашъор ва мунтахаби осори Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил. Бо кӯшиши Халилуллоҳи Афзалӣ./ Ғуломҳасани Муҷаддадӣ.–Кобул: Амирӣ, 1392.- 464 с.

20. Озод, Ғуломалихон. Ғизолону-л-Ҳинд. Бо тасҳеҳи Сирус Шамисо/Ғуломалихони Озод.–Теҳрон: Садои муосир, 1382.–176 с.

21. Озод, Мирғуломалихон. Хизонаи омира/ Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ.–Конпур: Нувалкишур, 1271 ҳ./1892 м.– 459 с.

22. Омулӣ, Толиб, Бастомӣ, Фурӯғӣ. Ғазалиёт/ Толиби Омулӣ, Фурӯғии Бастомӣ.– Душанбе: Адиб, 1993.– 567 с.

23. Орзу, Абдулғафур. Бутиқои Бедил/ Абдулғафури Орзу.– Машҳад:Тарона, 1378.-205 с.

24. Орзу, Абдулғафур. Дар хонаи офтоб. Сайре дар аҳвол ва осори Бедил/ Абдулғафури Орзу.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1387.–248 с.

25. Орзу, Абдулғафур. Тарсадоии Бедил/ Абдулғафури Орзу.– Кобул: Майванд, 1389.–184 с.

26. Орзу, Сироҷиддин Алихон. Маҷмау-н-нафоис. Ҷ.2. Ба кӯшиши Зебуннисо Алихон / Сироҷиддин Алихони Орзу.–Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 2004.–915 с.–

27. Раҳимӣ, Бобобек. Шарҳи шаст ғазали Бедил/ Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Деваштич, 2001.–290 с.

28. Раҳимӣ, Бобобек. Ошноӣ бо Бедил / Бобобек Раҳимӣ.–Душанбе: Ирфон, 2009.–568 с.

29. Раҳимӣ, Бобобек. Зиндагиномаи Бедил/ Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Эр-граф, 2017.– 496 с.

30. Раҳимӣ, Бобобек. Тавсифи осори Бедил. / Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: “Эр-граф”, 2018. 208 с.

31. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам/Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.– Олмотӣ, 2007.–256 с.

32. Садикова Насиба. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля/Насиба Садикова. – Душанбе: Дониш, 2007.- 248 с.

33. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Бозхонии зиндагонии Мирзо Абдулқодири Бедил бар асоси тазкираи «Миръоти воридот»/ Саидмаҳдии Таботабоӣ // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.– 1395.–№ 26.– С.81-100.

34. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Бунмояи ҳубоб ва шабакаи тасвирҳои он дар ғазалиёти Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ / Саидмаҳдии Таботабоӣ // Матнпажуҳии адабӣ.–1393.–№ 62.– С.81-123.

35. Тодоров Цветан. Теория символа. Перевод с французкого Бориса Нарумова/ Цветан Тодоров.–Москва: Дом интелектуальной книги, 1998.– 408 с.

36. Футуҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир /Маҳмуди Футӯҳӣ.–Теҳрон: Сухан, 1375.–461 с.

37. Худоёр Иброҳим. Садриддин Айнӣ ва Бедили Деҳлавӣ/ Иброҳими Худоёр //Фаслномаи пажӯҳишҳои адабӣ.–1383.–№ 5.саҳ. 55-65

38. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ. Дафтари солис. Ба кӯшиши Саид Шоҳмуҳаммад Атоурраҳмон, Ато Коку/ Биндробан Дос Хушгӯ.– Патна:Биҳор, 1959 ҳ..– 400. с.

39. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ Дафтари солис.Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома: доктори илмҳои филологӣ, профессор Замира Ғаффорова / Биндробан Доси Хушгӯ.– Хуҷанд:Ношир, 2018.– 564 с.

40. Ҳабиб, Асадуллоҳ. Вожаномаи шеъри Бедил/Асадуллоҳи Ҳабиб.– Ҳамбург, 2005.–251 с.

41. Ҳамдам Бахтиёр. Савмааи маърифат. [Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ./Бахтиёри Ҳамдам. – Ғончӣ, 1999.- 170 с.

42. Ҳасанлӣ, Ковус. Бозхонии формалистии ғазале аз Бедил/ Ковуси Ҳасанлӣ //Накди адабӣ, соли 1, шумораи 2.–1387.–С.29-38.

43. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX/ Расул Ҳодизода.– Душанбе: Ирфон, 1968.–294 с.

44. Ҷавҳарӣ, Зуфархон. Девони Ҷавҳарӣ/ Зуфархон Ҷавҳарӣ.–Душанбе: Ирфон, 1986.– 272 с.

45. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Ш.Сирус. –Теҳрон: Фирдавс, 1369. – 312 с.

**Осор ва мақолоте, ки аз рӯи диссертатсия ба нашр расидаанд:**

**I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Бозтоби замон ва зиндагӣ дар ашъори Бедили Деҳлавӣ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши филология, №7(63), -2010.- Душанбе: Сино.-С. 194-197.
2. Таъсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ бар ашъори Бедили Деҳлави.// Ахбори АУ ҶТ (силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ).- 2010, №3.-Душанбе, 2010.-с.67-72.
3. Рамзҳои ирфонӣ ва фалсафӣ дар шеъри Бедил.//Ахбори АУ ҶТ(шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ), №4.- Душанбе, 2010. С. 174-179.
4. Таҳаввули мисраъ, корбурди авзони номатбуъ ва муаммо дар шеъри Бедил. //Номаи Донишгоҳ.- №3(23) 2010.-Хуҷанд.-с.34-43.
5. Корбурди киноёт дар шеъри Бедил. //Номаи Донишгоҳ. (Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ).-2011.--№1(25).-С.23-31.
6. Корбурди вожаи нафас ва таъобири шоиронаи худсохти он дар «Девони Бедил».// Номаи донишгоҳ.–2013.–№3(36).- Хуҷанд, 2013.-с.12-28.
7. Таҷассуми шоиронаи афкори ахлоқӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ.//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №6 (55).- Душанбе, 2013. -с. 276-279.
8. Шавкати Бухороӣ, Бедили Дехлави ва таҷассуми хусусиятҳои сабки ҳиндӣ дар шеъри форсии Фароруд.//Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ ва психология (Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав), №4 2010.-Қурғонтеппа.-с. 74-78.
9. Бедили Дехлави ва Абуабдуллохи Рудаки.// Новое в современной филологии (материалы VIII Международной научно-практической конференции-20.12.2012).-Москва: Спутник, 2012.-с.27-32.
10. Сабоҳии Бедгулӣ ва Бедили Деҳлавӣ. /Суханшинос, №2, 2014. Саҳ. 92-101
11. Сарчашмаҳои мактаби фикрии Мирзо Бедил. .//Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон, №1 (62-2). -Душанбе, 2015.С. 343-352.
12. Вежагиҳои корбурди авзони ғазал дар “Девон”-и Бедил. Ахбори ДДҲБСТ, бахши илмҳои гуманитарӣ. №1,(62) 2015. Саҳ. 41-50.
13. Истиқболи шоиронаи Бедил аз Толиби Омулӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4/7(80), 2015. Саҳ. 213- 221.
14. Шеър ва лузуми шоирӣ аз нигоҳи Бедили Деҳлавӣ. / Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. №2.(47) Соли 2016. Саҳ. 67 – 76.
15. Муколамаи фарҳангҳо, ваҳдати инсонӣ ва сулҳи кулл дар «Девон»-и Бедил. Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №1(51), 2017 саҳ. 110-114.

16. Шеваҳои шоиронаи корбурди таъбироти хоси фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ дар Девони Бедил. Ахбори ДДҲБСТ, бахши илмҳои гуманитарӣ. №4, 2017. Саҳ. 57-65.

17. Шарҳ ва маънигузории шоирона дар “Девон”-и Бедил. Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №1(54). 2018. Саҳ.80-91.

18. Баҳсе роҷеъ ба матншиносии як мухаммаси устод Айнӣ бар ғазали Бедил. /Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. №3(76), 2018. С. 46-54.

19. Шамсиддин Шоҳин – шоире аз мактаби пайравони Бедил. //Суханшиносӣ. №3, 2018. -С. 94-105.

20. Тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил. // Ахбори ДДХБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - №2 (79). - 2019. - С. 21-31

21. Бозтоби симои инсони комил дар афкор ва ашъори Ҳазрати Султон Боҳу, Мирзо Абдулқодири Бедил ва аллома Иқболи Лоҳурӣ// Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - № 3 (80). – 2019. – С. 82-93

**Асарҳои дигар:**

1. Фурӯғи фитрати маънӣ. Таҳқиқе дар вежагиҳои сабкӣ ва масоили шарҳнависӣ бар ашъори Бедил. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. - 221 с.
2. Парниёни сабзи андеша. Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 305 с.
3. Султони авранги сухан. Нақду баррасии ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – шоире аз мактаби пайравони Бедил дар Фароруд. –Хуҷанд: Ношир, 2015.- 295 с.

**Мақолаҳо дар маҷмӯаву маҷаллаҳо:**

1. Ҷилваи замон ва зиндагӣ дар ашъори Бедил. / Дар китоби «Таблаи аттор». Қ.2. Маҷмӯаи мақолоти олимон, мутахассисони ҷавон ва аспирантон. Хуҷанд, 2001. С. 52-59.
2. Баъзе аз мухтассоти услубии ашъори Бедил. // Гулистони маърифат(маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 50 солагии профессор А. Насриддинов).- Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. -с.91-101.
3. Дар ҷилвазори оинаи маънӣ. Шарҳу тавзеҳи абёти ҷудогонаи Бедили Деҳлавӣ//Номаи донишгоҳ.-2004.-№9.-с.3-19.
4. Суннат ва ҷараёнҳои хоси бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон.// Фишурдаи мақолот (Панҷумин Анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсу тоҷик).-Душанбе, 9-10-уми марти 2006.-С.121-123.
5. Муруре ба бархе аз андешаҳои ахлоқии Бедили Деҳлавӣ./Аз наҳви сухан то ҷавҳари маъно (маҷмӯаимақолаҳо).- Хуҷанд: Меъроҷ, 2010.-с.200-204.
6. Бедил ва Мавлонои Балхӣ.//Ахбори АУ ҶТ (силсилаи филология ва шарқшиносӣ- 2010.- №4.-Душанбе: Дониш.-с.44-52.
7. Шарҳе ба як ғазали тасвирии Бедили Деҳлавӣ./Рамзошнои маънӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2011,с.124-133.

8. Нигоҳе бар як мухаммаси устод Айнӣ бар ғазали Мирзо Бедил. Раҳоварди олимони ҷавон. №10. Хуҷанд, «Нури маърифат», 2012.-с.117-122

9. Ваҳдат дар ҳайратободи шеъри Бедил./Мазҳари маонӣ(маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 75-солагии А. Зоҳидов).–Хуҷанд: Ношир, 2013.-с. 41-50.

10. .Бозтоби афкори педагогии Мирзо Бедил дар оинаи ғазали ирфонӣ.//Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №2 (16). -Душанбе, 2014.С. 64-69.

11. Чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии «Шоҳнома» дар Девони Бедили Деҳлавӣ. /Маводи ҳамоиши байналмилалии бузургдошти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии форсии Донишгоҳи Дака.–1392.–№6.

12. Аз Бедил то имрӯз./Рӯдакӣ (Фаслномаи ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон-Вижаномаи Пайвандҳои адабии даврони гусаст).- Душанбе, соли дувоздаҳум, № 30, баҳори 2011.-с.13-31;

13. Нақши маҳофили бедилхонӣ дар густариши забони форсӣ дар Осиёи марказӣ.//Чакидаи мақолоти Ҳамоиши минтақаии «Забони форсӣ: дирӯз, имрӯз ва фардо Қазоқистон, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз». -Олмотӣ. 1-2 июни 2012. -с.55-56.

14. Мактаби пайравони Бедил ва мароҳили таҳаввули сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии Фароруд. / Бедил дар оинаи урс. Теҳрон,бунёди байналмилалии Бедили Деҳлавӣ 2017. Саҳ. 315-325.

15. Нусхаҳои нодири шарҳи Девони Бедили ва шеваҳои шарҳнависии осори адабӣ//Фаслномаи Рӯдакӣ-2013-2014- № 38, 39, 40, 41-с.39.

16. Оби ҳаёти ҷӯи ҳасад ҷавҳари сахост (Шеъри ҳимоят ва андешаи саховат дар Девони Бедили Деҳлавӣ)./Шеъри ҳимоят (ба кӯшиши Муҳаммадалии Аҷамӣ).- Душанбе, 2012.-с. 25-39.

22. Муқоисаи татбиқии қасидаи «Саводи аъзам»-и Мирзо Бедил ва «Баҳр ул аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ. Фаслномаи «Қанди порсӣ» Шумораи 73-74. Ҳинд, 2017, саҳ. 161-177.

23. Инсони комил аз нигоҳи Султон Боҳу, Аблумаонии Бедил ва Иқболи Лоҳурӣ. Маҷмӯаи хулосаи ҳамоиши байналмилалии бузургдошти аллома Иқболи Лоҳурӣ. Исломобод, 6-8 ноябри соли 2017. Саҳ. 24-26. (Бо забони англисӣ).

24. Омилҳои таҳкими амнияти инсонӣ ва наҷот аз осебпазирии фикрӣ дар андешаҳои Бедили Деҳлавӣ. /Илм ва амнияти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ. Хуҷанд, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Хуҷанд: Нури маърифат, 2018, с. 302-307.

25. Таҳлили қиёсии поэтикаи қасидаи "Туҳфат –ул-афкор"-и Навоӣ ва "Саводи аъзам"-и Мирзо Бедил./ Маҷмуаи мақолаҳои ҳамоиши байналмилалии "Ҷойгоҳи мероси адабии Алишерии Навоӣ дар ташаккули маънавият ва маорифи инсонӣ". Навоӣ, 4-6 феврали 2019. Тошканд: Фан, 2019. -С. 414-419.(Бо забони русӣ).

Хулосаи мухтасари

кори диссертатсионии Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмуаи масъалаҳои марбут ба поэтикаи ғазалиёти Бедил дар доираи як асари мустақил дар заминаи татбиқи меъёрҳои поэтикаи форсиву ҳиндӣ ва арабӣ ба риштаи таҳқиқ кашиду шудааст. Хоса, баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи масоили марбут ба поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз дидгоҳи татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ дар рисола бори аввал ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. Вобаста ба ин, мафоҳими “забони шоирона” ва “поэтикаи забони шеър” дар асоси татбиқи ҳамин дидгоҳҳо ва меъёрҳои шеършиносии куҳани ҳиндӣ ба форсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин ҷода масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи калимоти хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Бар асоси таҳқиқи матолиби меҳварии рисола иқдом шудааст, ки калимаву иборот ва тарокиби калидӣ, забони ашъори шоир ҳамчун рукни муҳими маърифати шеър арзёбӣ намояд. Шарҳу басти аксари истилоҳоти хосаи фалсафӣ ва ирфонӣ, мафоҳим ва вожагони ифодакунандаи дигар ашё ва воситаҳо бар асоси диду назари худи Бедил, таснифу табақабандии ибораву таркиботи шоирона аз нахустин кӯшишҳо дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва муқаррар намудани усулҳои танзими фарҳанги таъбирот ва таркиботи шеъри ӯ, инчунин таҳияи фарҳанги тафсирии истилоҳ, таркиб, мафоҳим бар асоси шуруҳи шоиронаи мавҷуд дар таркиби девони Бедил маҳсуб мегардад.

Дар канори ин дар рисола мақоми Бедил дар эҷоди навовариҳо дар навъи ғазал дар қаламрави шеъри классикии тоҷик мавриди тадқиқ қарор гирифта, дар заминаи баррасиҳои анҷомёфта муқаррар гардидааст, ки баробари эҷоди таҳаввулоте дар сохтору муҳтаво ва сабки нигориш ба зуҳури тозагиҳое дар анвои ин навъи шеърӣ низ мушарраф шуд. Ин ибтикори ӯ ба шаклгирии гунаҳои нави ғазал омил омадааст, ки муаллифи рисола онҳоро аз дидгоҳи сохториву ҳунарӣ шартан ғазали тасвирӣ, ғазали муаммо, ғазали бенуқта ва монанди ин унвон намудааст. Афзуда бар ин, саҳми Мирзо Бедил дар таъмини гуногунрангии мавзуии ғазал низ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, муайян шудааст, ки дар баробари ашколи мазкур аз диди мавзуӣ навъҳои ишқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, хамрия, баҳория, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, таълимӣ, ҳаҷвӣ, ҳасбиҳолии ғазалро дар эҷодиёти шоир низ метавон тасниф намуд.

Ҳамзамон, дар рисола мақоми Бедил дар эҷоди мактаби пайравони шоир дар заминаи таъсири ҷанбаҳои барҷастаи ҳунарии шеъри вай бар пасовандонаш мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Бар асоси пажӯҳишҳои анҷомёфта маълум гардидааст, ки шоирони зиёде дар сарзаминҳои Шибҳи Қораи Ҳинд, Фароруду Хуросон, Эрону Афғонистон дар истиқбол аз беҳтарин суннатҳои мактаби адабии Бедил қадам гузоштанд.

Нуфуз ва манзалати ҳунари шоирии Бедил ва забони хосаи суханварии вай бар ҳадде асар гузошта, ки фосилаи таърихии ин таассур аз замони шоир оғоз ёфта, то имрӯз идома меёбад. Ҳатто ҳамин маърифати фаротари шеър ва андешаҳои Бедил омил омада, ки имрӯз дар нақди адабии Эрону Афғонистон "бедилона сурудани ғазал" санҷа ва ё меъёри шоирӣ дар эҷоди ин навъи шеъри суннатӣ эътироф гардидааст. Дар канори ин, ҷусторҳои анҷомёфта дар рисола муқаррар намудаанд, ки омилҳои аслии гароиш ба қолабҳои тоза дар шеъри форсиро низ метавон ба нақш ва таъсири шеъри Бедил пайванд дод, зеро маҳз асари ҳунарии шеъри ин суханвар боис гардид, ки бархе аз шоирон бо эҷоди ҷараёни бозгашти адабӣ муддате истиқбол аз сабки қудаморо идома диҳанд. Вале чун бар асоси қавонини марсуми фалсафӣ бозгаштан ба пас дар асл ногузир аст, дар мароҳили баъдӣ маҳз ҳамин таъсири пурнуфузи Бедил сабаб шуд, ки андешаи тарҳи нав дар шеъри форсӣ эҷод ва роҳандозӣ шавад.

# АННОТАЦИЯ

**диссертационного исследования Нурова Нурали Норовича на тему «Поэтика газелей Мирза Абдулькадыра Бедиля» на соискание ученой степени доктора филологических наук по специальности 10.01.01 – Таджикская литература**

В диссертации впервые в таджикском литературоведении исследуются вопросы, связанные с поэтикой газелей Бедиля на основе применения критериев персидской, индийской и арабской поэтики. В часности, впервые рассматриваются теоретические аспекты поэтики стихотворений Бедиля и вопросы, касающиеся поэтики языка его газелей с позиций критериев индийской стилистики в персидской поэзии. В связи с этим, исследуются понятия "поэтический язык" и "поэтика языка", вопросы словообразования, источники возникновения и роль особой группы слов в творчестве поэта, создание образов, поэтическое отображение философских, нравственно-этических, дидактических тем и мотивов и т.п.

В рамках исследования основных вопросов диссертациии предпринимается попытка анализа и оценки сочетаний слов и ключевых выражений, языка произведений поэта как важнейших элементов восприятия и осмысления поэзии. Интерпретация многих специальных философских и суфийских терминов, понятий и слов, обозначающих иные предметы и явления, осуществляется с точки зрения самого Бедиля, высказанной в стихотворной форме. Впервые предпринята попытка классифицировать поэтические выражения и конструкции, определить принципы составления словаря характерных для поэзии Бедиля поэтических выражений и словосочетаний на основе их поэтического толкования в диване поэта.

В диссертации исследуется вклад Бедиля во внедрении новшеств в жанре газели, и установлено, что наравне с изменением структуры и содержания, стиля изложения газелей, поэту удалось достичь определенной новизны в этом жанре. Это способствовало формированию новых видов газели, условно сгруппированных автором диссертации: изобразительная газель, газель - муаммо (загадка), газель без точек, любовная, философская, суфийская, хамрия, бахория, социальная, нравственная, дидактическая, автобиографическая, юмористическая, автобиографическая.

Кроме того, в диссертации раскрывается роль Бедиля в формировании школы последователей поэта в результате влияния различных аспектов его поэзии на потомков. Выявляется, что лучшие традиции литературной школы Бедиля оказали благотворное влияние на многочисленных поэтов Индии, Хорасана и Фароруда, Ирана и Афганистана и этот процесс продолжается до сих пор. Более полное осмысление и восприятие поэзии и воззрений Бедиля послужили причиной того, что сегодня в литературной критике Ирана и Афганистана "сочинение газели в манере Бедиля" признано поэтическим критерием создания этого стихотворного жанра. Научные изыскания автора диссертации выявили, что интерес к новым формам в персидской поэзии также можно связать с ролью и влиянием поэзии Бедиля, так как именно под

влиянием творчества этого литератора некоторые поэты, присоединившись к направлению литературы возвращения, предприняли попытку подражать стилю предшественников. Однако, так как возращение в прошлое в принципе невозможно, в последующие периоды влияние творчества Бедиля способствовало появлению нового мышления в персидской поэзии.

## Abstract

**for Nurov Nurali Norovich`s dissertational work on the topic "Poetics of Mirzo Abdulkodir Bedil`s Gazel" claiming for a scientific title of a doctor of philological sciences on specialty 10.01.01. – Tajik Literature**

The doctoral dissertation dwells on the issues concerned with the poetics of Bedil`s ghazals proceeding from resorting to criteria of Persian, Indian and Arabian poetics in the Tajik literary criticism, for the first time. In particular, the author canvasses the aspects of poetics of Bedil`s poems and the matters related to his gazels poetics under the angle of criteria of Indian stylistics in Persian poetry. In reference to it, the author explores the notion entitled "poetic language" and "language of poetry" the issues beset with word-building, sources of emergence and the role of specific group of words in the poet`s creativity; creation of images, poetical reflection of philosophical, moral-ethical, didactical themes and motives being taken into account as well.

Within the frameworks of the explorations of basic issues of the dissertation, the author makes an endeavor to analyze and access the combination of words and key expressions, the poet`s literary production language as the most important elements of perception and comprehension of poetry. Interpretation of the majority of special philosophical and sufi terms, notions and words denoting certain subjects and phenomena is carried out in conformity with Bedil`s opinion which mentioned in versec form, upon the whole. The author attempts to classify the poetical expression, construction and determine the principle of formation of dictionaries characterized for Bedil`s poetry on the basis of their poetical interpretation in the poet`s divan, for the first time.

The dissertation explores Bedil`s contribution into the introduction of novelties of the genre with gazel; it is established that alongside with the changed structure and content, style of reproduction with gazel, the poet managed to gain certain novelty in the given genre. It is promoted the formation of new types of gazel which the author conventionally singles out them such as: depictive gazel, gazel-muammo (riddle), gazel without point, lovely, philosophical, Sufi, khamriya, bahoriya, social, ethical, didactical, autobiographical, humorous ones.

Into the bargain, the author of the dissertation discloses the role of Bedil in the school formation beset with adherent of the poet as a result of the influence of various aspects of his poetry upon descendants. It is elicited that the best tradition of Bedil`s literary school exerted a considerable sway over numerous poets who were from India, Khuroson, Farorud, Iran and Afghanistan and the relevant process has been continued up to now. In order to comprehend and realize Bedil`s poetry and outlook served the cause of the former that in the literary criticism of Iran and Afghanistan "creation of gazel in Bedil`s manner" is recognized as esthetical criteria in reference to the creation of poetical genre in question.

Scientific exploration done the author of the dissertation revealed that the interest in new form in Persian poetry can tied with the role and sway of Bedil`s poetry, namely under the impact of this man-of-letters` creation a number of poets joined to the direction of literature they made an endeavor to imitate the style of

predecessors. However, as coming back to the past it is impossible principally over all subsequent periods of the influence of Bedil`s creation promoted the appearance of new thinking in Persian poetry.